آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

19 августи соли 2023
Шанбе
№ 66 (14973)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ ОИД БА РУШДИ СОҲИБКОРӢ ПЕШНИҲОД ГАРДИДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 август дар Конгресс-маркази байналхалқӣ бо соҳибкорон мулоқоти ошкоро баргузор намуд.**




Бори аввал чунин вохӯрӣ 20 августи соли 2021 баргузор шуда буд. Бинобар пешниҳоди роҳбари давлат ин шакли вохурӣ анъанавӣ гардид ва имрӯз дар мамлакатамон Рӯзи соҳибкорон муқаррар карда шуд.

Дар ибтидои мулоқоти кунӯнӣ Президент Шавкат Мирзиёев корчаллонҳоро бо ҷашнашон табрик намуд, барояшон эҳтиром ва таманноҳи беҳтарин орзу намуд.

– Соҳибкорон дар ҳар мамлакат ҳамеша қувваи бузург буданд. Дар Ўзбекистон мо барои рушди иқтисодиёт, ба вуҷуд овардани ҷойҳои кор, коҳиши қашшоқӣ ва ободсозии маҳалла чораҳо меандешем. Ба ин ки саҳми зиёд мегузорад? Соҳибкорон! Ҳар яки шумо – қаҳрамон. Мо бо шумо фахр мекунем, – гуфт роҳбари давлат.

Таъкид шуд, ки ба туфайли шароити фароҳамоварда тиҷорат тадриҷан рушд менамояд. Дар соли гузашта миқдори соҳибкорони тоифаи хурд 40 ҳазор зиёд гардид, тоифаи миёна 2 ҳазор, теъдоди корхонаҳои калон 400 ҳазор афзуд. Аз ҳисоби имтиёзоти пешниҳодгардида гардиши 155 корхона аз 100 миллион доллар зиёд гардид. Ҳаҷми сармояи ҳарсолаи хориҷӣ бори аввал ба 10 миллиард доллар расид.

Бинобар Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 18 август 44 нафар ҳамватанонамон, ки бобати баланд бардоштани иқтидори иқтисодии мамлакатмон ва некаҳволии мардум ба муваффақият ноил гаштаанд, бо мукофоти давлатӣ сарфароз гардиданд. Дар чорабинӣ маросими тантанавии супурдани орден ва медалҳо ба соҳибонаш ба амал омад.

Инчунин бинобар Супориши Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 17 август 126 нафар соҳибкорони фаъол бо нишони сарисинагии «Фаъол тадбиркор» мукофотонида шуданд.

Дар ҷараёни мулоқот натиҷаҳои вохўриҳои гузашта баррасӣ шуданд. Соли 2021-ум бинобар натиҷаи гуфтушунид 57 ташаббус пеш гузошта шуда буд, соли гузашта бошад, 55 чунин ташаббус пешниҳод гардид. Ин ташаббусҳо ҷараёни тиҷоратро дар амалиёт хеле соддатар карданд.

Чунончӣ, дар пояи пешниҳодҳое, ки соли гузашта пеш гузошта шуда буданд, субъектҳои тиҷорат ба табақаҳои кучак, хурд, миёна ва бузург тақсим карда шуданд, нисбати ҳар кадоми онҳо муносибати махсус ҷорӣ гардид. Худи ҳамин хел ноҳияҳо ва шаҳрҳо ба 5 табақа тақсим гардиданд, дар 60 ноҳия ҷадвалҳои алоҳидаи андоз, вом ва молия ҷорӣ карда шуданд.

Мухлати бозгардонии андоз ба арзиши иловагӣ коҳиш ёфта, соли гузашта ба 6 ҳазор корхона 20 триллион сўм баргардонда шуд. Аз ҳама муҳимаш, аз ҳисоби кам кардани микдори андози мазкур то ба 12 фоиз миқдори иштирокдорони силсилаи арзиши иловагӣ ба 26 ҳазор зиёд гардид, фаъолияти онҳо бошад, аз соя берун баромад.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН АҲАМИЯТИ МИНБАЪД ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶАНБАРО БО ИНСТИТУТҲОИ СММ ТАЪКИД КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 август ҳайати Созмони Милали Муттаҳидро зери роҳбарии ёвари Котиби генералии ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва поягузории сулҳ Мирослав Енча қабул кард.**



Масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҳамкории бисёрҷанба бо институт ва марказҳои СММ дар доираи татбиқи Мақсадҳои дарозмуддати рушди устувор муҳокима гардиданд.

Дар оғози мулоқот намояндаи воломақом Мирослав Енча ба роҳбари давлатамон паёми самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Котиби генералии созмон Антониу Гутерришро расонд. Таъкид шуд, ки сохторҳои СММ омода мебошанд, ки минбаъд низ барномаи бебозгашти ислоҳотро дар ҷиҳати сохтмони Ўзбекистони Нав аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намоянд.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир ҳамкориҳои муфиди тарафайни мамлакатамон бо СММ ба дараҷаи беназири баланд расид. Якҷоя қариб 140 барнома ва лоиҳа ба амал татбиқ мегарданд. Бо ташаббуси ҷониби Ўзбекистон шаш резолютсияи Ассамблеяи генералии Созмони Милал қабул гаштааст.

Ўзбекистон дар фаъолияти Шурои ҳуқуқи инсон, Комиссияи шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва Кумитаи ЮНЕСКО оид ба мероси маданӣ ва бисёр дигар ниҳодҳо фаъолона иштирок менамояд.

Танҳо дар нимаи дуюми соли ҷорӣ дар мамлакатамон баргузор намудани чандин чорабиниҳои пураҳамияти байналхалқӣ дар доираи СММ, аз он ҷумла Конференсияи СОҶ оид ба бехатарии озуқаворӣ ва сессияи ҷашнии 25-уми Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст.

Зимни вохӯрӣ истиқболи ҳамкории амалӣ оид ба татбиқи вазифа ва мақсадҳои миллӣ дар ҷанбаи рушди устувор баррасӣ гардид.

Ба масъалаҳои амиқ сохтани муносиботи некҳамсоягӣ ва шарикӣ дар Осиёи Марказӣ ва пурзўр намудани нақши Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи превентив дар ин ҷараён эътибори алоҳида нигаронида шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН АЗ ВЕНГРИЯ БОЗДИДИ КОРӢ БА АМАЛ МЕОРАД

***Бинобар даъвати Сарвазири Венгрия Виктор Орбан 19-20 августи соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба шаҳри Будапешт ташрифи корӣ анҷом медиҳад.***

Бинобар барномаи боздид роҳбари давлатамон бо Сарвазири Венгрия мулоқот анҷом медиҳад, ки зимни он масъалаҳои пешбурди барнома ва лоиҳаҳои ҳамкории амалии байни ду мамлакат баррасӣ мегарданд.

Президенти Ўзбекистон инчунин ба сифати меҳмони ифтихорӣ дар чорабиниҳо бинобар ҷашни давлатии Венгрия — Рўзи Иштвани муқаддас иштирок менамояд ва ҳамчунин аз мусобиқаи ниҳоии тохтани байни мардон дар чемпионати ҷаҳон оид ба атлетакаи сабук, ки дар Будапешт баргузор мегардад, боздид хоҳад намуд.

**ЎзА.**

## БА ДАРАҶАИ БОЗ ҲАМ БАЛАНД БАРДОШТАНИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ – ВАЗИФАИ АФЗАЛИЯТНОКИ МОСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар мулоқот бо соҳибкорон дар шакли гуфтугўи кушод**

Муҳтарам вакилони тиҷорат, соҳибкорон, иштирокдорони гуфтугўи имрўза!

Ду сол қабл аз ин мо ба анъанаи нек оғоз бахшидем, ки ин дар арафаи Рўзи соҳибкорон баргузор намудани вохўрӣ бо шумо дар шакли гуфтугўи кушод ва ҷустуҷўи якҷояи ҳалли мушкилоти ғунгардида мебошад. Ман беҳад хушҳолам, ки имрўз боз бо шумо ин анъанаро давом дода, вомехўрем.

Ҳамватанони азиз!

Бояд таъкид кард, ки дар 3-4 соли охир тағйирот дар арсаи байналхалқӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон, аз он ҷумла ба иқтисодиёти миллии мо таъсири калон мегузорад.

Соҳибкоронамон аз оқибатҳои чунин омилҳо, мисли канда шудани занҷири логистика ва маҳсулотгузорӣ дар натиҷаи ихтилофҳои гуногун, беқурбшавии асъорҳои мамлакатҳои шарик, боло рафтани арзиши захираҳои молиявӣ дар натиҷаи инфлятсияи баланд дар миқёси ҷаҳон хуб бохабаранд.

Бояд эътироф кард, ки минбаъд низ осон намешавад. Бовар дорам, ки агар мо аз имкониятҳои бойдодаамон хулосаи дуруст намоем ва фақат ба пеш ҳаракат кунем, дар он сурат халқи заҳматкашамон, соҳибкорони ташаббускор албатта ҳамагуна машаққатҳоро пушти сар менамоянд.

Тасодуфӣ нест, ки якумин гуфтугўи ошкорои мо маҳз дар давраи тезутунд гардидаи бўҳрони иқтисодӣ ба бесарнавиштӣ дар ҷаҳон баргузор гардида буд. Худи ҳаёт собит мекунад, ки дар чунин шароити мураккаб гуфтугўи бевосита бо намояндагони тиҷорат ва муҳокимаи масъалаҳои нигаронкунандаи шумо, ҷустуҷўи якҷояи роҳҳои ҳалли онҳо ва андешидани чорабиниҳои саривақтӣ дурусттарин бархурд дар чунин ҳолатҳо ба шумор меравад. Аз он ҷумла, бинобар натиҷаи гуфтугўи ошкоро соли 2021 57 ташаббус ва соли гузашта бошад, 55 ташаббус баён гардида буд.

Ин чӣ гуна имтиёзот ва қулаиҳоро барои пешбурди тиҷорат фароҳам овард?

Чӣ гуна тағйироти мусбӣ ба вуҷуд омад, ки соҳибкор дар ҳаёти худ муваффақ гардида бошад?

Натиҷаи ташаббусҳои муштаракамон ба иқтисодиёти мамлакат чӣ гуна таъсири мусбӣ дошт?

**Якум**. Дар асоси пешниҳодот соли гузашта воҳидҳои тиҷоратӣ ба тоифаҳо тақсим карда шуданд — микро, хурд, миёна ва тиҷорати калон, низоми кор бо ҳар яки онҳо дар асоси бархурдҳои алоҳида роҳандозӣ гардид.

Ноҳияҳо ва шаҳрҳо низ ба панҷ тоифа тақсим гардида, нисбати 60 ноҳия режими алоҳидаи андоз, мадади кредиту молиявӣ корбаст шуда буд. Дар натиҷа соҳибкорони ноҳияҳои мазкур дар шаш моҳи гузашта аз имтиёзот ба миқдори қариб 1 триллион сўм истифода намуданд. Аз ҳисоби ин даромади соҳибкорони 20 ноҳия то 1,5-2 маротиба нисбат ба соли гузашта афзуд. Танҳо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз 7 триллион сўм то 11,5 триллион сўм зиёд гардид.

Агар роҳбарони 40 ноҳияи боқимонда низ бо соҳибкорон аз наздик кор мекарданд, аз имконоти фароҳамоварда босамар истифода мебурданд, ягон ноҳияе боқӣ намемонд, ки ба тоифаи панҷум марбут гардад.

**Дуюм**. Муддати бозгардондани андоз барои нархи изофа кутоҳ карда шуд, аз 1 августи соли 2022 то 1 августи соли 2023 ба 6 ҳазор корхона 20 триллион сўм баргардонда шуд. Хусусан, дар натиҷаи татбиқи тартиби баргардонӣ ба соҳибкорони содиркунандаи бовиҷдон андоз ба арзиши изофа, бидуни интизоршавии вуруди асъор аз содирот, ба ҳисобсурати беш аз 2 ҳазор соҳибкор 7 триллион сўм ворид гаштааст.

Аз ҳама муҳимаш, ба туфайли ин мо бинобар ин андоз ставкаро то 12 фоиз кам кардем, теъдоди иштирокдорони занҷири арзиши изофа ба 26 ҳазор афзуда, фаъолияти онҳо аз соя бароварда шуд. Пардозандагони ААИ ба 184 ҳазор расид.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Минбари депутат*

## ШАВҚМАНДӢ ДАР ИҶРОИ ВАЗИФАҲОИ МУҲИМ БАЛАНД АСТ

***Дар мамлакатамон аз тарафи давлат дастгирӣ гардидани субъектҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ бобати истифодабарии васеъмиқёс аз манбаъҳои энергияи азнавбарқароршаванда ва таъмин намудани аҳолӣ бо энергияи электрӣ ва гармӣ корҳои зиёд ба амал татбиқ мегарданд.***

Дар давраи гузашта манбаъҳои энергияи азнавбарқароршавандаи 430 мегаваттдор ба истифода супурда шуд, ки соле 1,2 млрд. киловатт соат энергияи электрӣ истеҳсол менамояд. Ин баробари 60 фоизи истеъмоли солонаи объектҳои соҳаи иҷтимоӣ мебошад.

Инчунин, дар соҳаи иҷтимоиву иншоотҳои соҳибкорӣ ва хонаводаи аҳолӣ панелҳои офтобии дорои иқтидори 250 мегаватт насб гардиданд. Дар мамлакатамон дар ин бобат чӣ тавре ки корҳои зиёд анҷом дода нашавад, сарфа намудани захираҳои энергия яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад. Яъне то охири сол 3,7 млрд. киловатт соат қувваи электр ва 2,4 млрд. мукааб метр газ бояд сарфа карда шавад.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки бо роҳнамоии сарвари давлатамон дар шаҳри Бухоро баргузор шуд, ба ин масъала эътибори алоҳида нигаронида, ба назди мутасаддиён вазифаҳои аниқ гузошта шуд.

Аз рўйи маълумоти мутахассисон, дар ҷумҳурӣ бо роҳи бунёд намудани стансияҳои офтобӣ аз ҳамаи талаботи мардум нисбат ба энергия имконияти 8 баробар зиёд гирифтани он мавҷуд аст. Аз ин сабаб, дар мамлакатамон солҳои охир оид ба рушди соҳаи энергияи азнавбарқароршаванда корҳои мунтазам ба амал татбиқ мегарданд. Асосҳои ташкиливу ҳуқуқии соҳа фароҳам оварда шуда, якчанд қарордоди роҳбари давлат ба имзо расид.

Дар натиҷаи ба амал татбиқ гардидани чунин ислоҳот то 12 августи соли ҷорӣ дар ҷамъ 41 ҳазору 885 иншоот панелҳои офтобӣ бо иқтидори 267,3 мегаватт насб карда шуданд. То ҳол бо 4 ҳазору 534 хонавода шартномаҳо ба имзо расидаанд, ки аз онҳо ба шабакаҳо 720 ҳазор киловатт/соат қувваи электр ҳосил шудааст. Бояд таъкид намуд, ки дар муддати гузашта корҳои зиёд ба амал татбиқ гардиданд. Дар нимсолаи дуюм бошад, бояд 30 млрд. мукааб метр газ истихроҷ шуда, дар анборҳои гази зеризаминӣ захираҳоро камаш ба 3,5 млрд. мукааб метр расонида, 41 млрд. киловатт/соат электр истеҳсол намуда шавад.

Барои ин дар мамлакатамон ҳамаи имкониятҳо мавҷуд аст. Пас аз ин, мо – депутатҳо фаъолияти касбии худро пурзўр гардонда, барои таъмини асосҳои ҳуқуқии ислоҳоти демократие, ки дар мамлакатамон ба амал татбиқ мегарданд, масъулияти амиқро бояд ба дўш гирем.

Чунончи, вазифаҳои бамиёнгузошташуда ҳар як депутатро водор месозад, ки боз ҳам фаъолнокиро ба даст гирифта, дар пешрафти соҳа ҳиссаи самарабахш гузоранд. Ба амал татбиқ гардидани чунин вазифаҳои муҳим дар рушди иқтисодиёти мамлакат, рўй ба беҳбудӣ овардани тарзи зиндагонии мардум ва дар баланд бардоштани самаранокии энергия дар соҳаҳои шабакаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ замина фароҳам меорад.

**Ислом ХУШВАҚТОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

Овози тоҷик
19 августи соли 2023 № 66 (14973)

# БА ДАРАҶАИ БОЗ ҲАМ БАЛАНД БАРДОШТАНИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ – ВАЗИФАИ АФЗАЛИЯТНОКИ МОСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар натиҷаи сарфи назар намудани қарзи андоз, ки дар натиҷаи корбурди механизмҳои бесамари андоз ба вуҷуд омадааст, дар ихтиёри аҳли тиҷорат 2 триллион сӯм мондааст.

**Сеюм.** Инчунин зимни ҷудо кардани кредити истифода ба сифати таъмини товони амвол барои гардиш, қарордодҳои содиротӣ, аккредитивҳо ва воридотҳои оянда система ба вуҷуд оварда шуд. Соҳибкороне, ки аз ин имконот истифода намуданд, ба миқдори 1 млрд. доллар кредит ҷудо карда шуд.

Инчунин тартиби ташкил намудани ташкилоти микрофинанс осон карда шуд. Дар натиҷа дар мамлакат дар муқобили бонкҳо бозори кредит ба вуҷуд омад. Дар як соли охир миқдори чунин ташкилотҳо 1,5 маротиба зиёд гардида, кредитҳои ҷудонамудаи онҳо 3 баробар зиёд гардид. Дар як сол ташкилотҳои ғайр аз бонкҳо 3 триллион сӯм кредит ҷудо намуданд.

Мо низоми азнавкоркардро дар ҳудуди гумрук сода намудем. Ҳамин тариқ, миқдори соҳибкороне, ки аз ин тартиби гумрук истифода менамоянд, ду баробар зиёд гардиданд. Ҳамин тариқ, дар зарфи сол аз тариқи имконоти мазкур маҳсулот ба миқдори 455 миллион доллар содир гардид. Арзиши изофа ба миқдори 110 миллион доллар ба вуҷуд оварда шуд.

**Чорум.** Шакли литсензия ва иҷозат барои 119 намуди фаъолият бекор карда шуд ё ба тарзи хабардиҳӣ гузаронида шуд, ки пештар онҳо ба соҳибкорони нав дастнорас буд. Танҳо аз ҳисоби бекор намудани литсензия бинобар ин намуди фаъолият, мисли боркашонии автомобилӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳаҷми молкашонӣ 1,5 маротиба афзуд.

**Панҷум.** Бигзор худи соҳибкорон бигӯянд, ки зуд кам гардидани санҷиши фаъолияти андозпардозони бовиҷдон то чӣ андоза эҳсосшаванда аст.

Эътибор бидиҳед, дар зарфи 6 моҳи соли 2023 миқдори санҷиш дар муқоиса бо давраи мазкури соли гузашта 40 фоиз — аз 104 ҳазор то 64 ҳазор кам гардид. Яъне соҳибкоронамон дарк менамоянд, ки беҳтараш ошкоро кор кунанд, на ин ки дар соя.

Аз ин рӯ, мо корбурди санксияи молиявиро бинобар натиҷаи ҳисоботсупории андоз ва санҷиши камеравӣ бекор кардем.

Умуман дар як соли гузашта миқдори соҳибкорони хурд 40 ҳазор зиёд гардида, 490 ҳазорро ташкил намуданд, соҳибкорони миёна 2 ҳазор зиёд гардида, ба 10 ҳазор расиданд. Миқдори корхонаҳои калон 400-то зиёд шуда, ба 1,5 ҳазор расид.

Дар натиҷаи истифодаи имтиёзоти пешниҳодгардида гардиши солонаи 155 корхона аз 100 миллион доллар зиёд гардид. Ҳаҷми солонаи сармоягузории хориҷӣ бори аввал ба 10 миллиард доллар расид. Ин нисбат ба соли 2017 3 баробар зиёд мебошад.

Пас аз мулоқот ба тарзи кушод дар ду соли охир корхонаҳои ватанӣ ба миқдори 25 миллиард доллар маҳсулот содир намуда, ба миқдори 10 млрд. доллар истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотро ба кор андохтанд.

Муҳтарам вакилони тиҷорат!

Ҳамаи ин натиҷаи меҳнати соҳибкорони ташаббускор, корчаллон ва шуҷоатнокамон мебошад, ки мо инро олӣ арзёбӣ менамоем.

Бинобар ин барои саҳми бузург ҷиҳати дарёфти чунин муваффақиятҳо ба соҳибкорони хурд — манбаи ғояҳои нав, намояндагони тиҷорати миёна – локомотиви иқтисодиётамон, роҳбарони корхонаҳои калон, ки ҳазорҳо ҷойи кор меофаранд ва ҳамватанонро бо даромад таъмин менамоянд, ба кластерҳо, фермерҳо ва деҳқонон, ки фаровонӣ ва кифояти бозорҳоямонро таъмин менамоянд, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Имрӯз ҳам саҳми соҳибкоронро дар рушди мамлакатамон олӣ арзёбӣ намуда, мо 44 нафари онҳоро бо орден ва медалҳо, 126 нафарро бо нишони сарисинагии «Фаол тадбиркор» мукофотонидем.

Аз фурсат истифода намуда, бори дигар ба соҳибкоронамон, ки бо ин мукофотҳо мушарраф гардиданд, миннатдории самимӣ изҳор намуда, боварии амиқ дорам, ки сафатон рӯз то рӯз меафзояд.

Ҳамватанони азиз!

Бояд эътироф кард, ки: дар натиҷаи кушишамон дар 7 соли охир **синфи нави соҳибкорони Ӯзбекистони Нав** ташаккул ёфт.

Тавре ки шумо медонед, соли ҷорӣ аз рӯйдодҳои сиёсӣ лабрез буд. Бо мақсади замонати бебозгаштии ислоҳоти оғозёфта халқамон Конститутсияи таҷдидёфтаро қабул кард.

Аз ҳама муҳимаш, бори аввал давлат дар Қонуни Асосӣ ӯҳдадориҳои дақиқро дар бобати таъмини муҳити муносиби сармоягузорӣ ва корчаллонӣ, дахолатнопазирии моликияти хусусӣ, инкишофи муносибати бозаргонӣ ва фароҳам овардани шароитро барои рақобати дуруст, мустақилии судро ба ӯҳдаи худ гирифт.

Барои ноил гардидан ба қуллаҳои баланде, ки дар вохӯриҳои пешазинтихоботӣ изҳор гардиданд, дар аввали моҳи август барои муҳокимаи васеъи ҷамъият лоиҳаи барномаи ислоҳот барои 7 соли оянда гузошта шуд. Моро, бешубҳа, хушҳол месозад, ки ҳангоми муҳокима беш аз 1 миллион фикр ва пешниҳод расид, ҳамзамон бисёр ташаббусҳои нави муҳим оид ба рушди минбаъдаи мамлакат соҳибкорон ибрози назар намудаанд.

Ҳамзамон мо наметавонем бигӯем, ки ҳама мушкилотро ҳал намудем. Барои фароҳам овардани имконоти нав ва минбаъд васеъ намудани шароити тиҷорат ҳанӯз бисёр корҳоро бояд анҷом диҳем.

Ҳар рӯзи атонамудаи Худо ин имконоти нав бароямон мебошад. Соҳибкоронамон беҳтар аз дигарон моҳияти ин гапҳоро мефаҳманд. Барои ҳар як имкониятро ба натиҷа табдил додан ҳамаамон бояд аз он босамар истифода намоем, ҳамеша дар ҷустуҷӯ бошем, аз ғоя ва ташаббуси нав наҳаросем, бештар ва беҳтар кор кунем.

Соҳибкорони муҳтарам!

Дар арафаи мулоқотамон аз соҳибкорон қариб 6 ҳазор муроҷиат расид. Масъалаҳои асосие, ки ба миён гузоштаанд, асосан ба кредит ва кумаки молиявӣ — 26 фоиз, таъмини тиҷорат бо иншоот ва инфрасохтор — 21 фоиз, сода намудани низоми андоз — 10 фоиз, куллан кам кардани тафтиш ва бюрократияи зиёдатӣ – 8 фоиз алоқаманданд.

Ба ин рақамҳо нигоҳ карда, медонед, ман пеш аз ҳама чиро фикр кардам? Чаро муроҷиат нисбат ба порсола кам аст? Бо пешниҳодҳо ва ташаббусҳо шинос гардида, ман инро мушоҳида намудам, 80 фоизи масъалаҳое, ки ҳангоми омодагӣ ба гуфтугӯҳои кушоди пешина гузошта шудаанд, хусусияти шахсӣ доштанд ва қисми калони онҳо дар ҷояш ҳал гардида буд.

Ин дафъа 70 фоизи соҳибкорон дар бораи мушкилоти доимӣ ҳарф заданд ва роҳҳои ҳалли тайёрро пешниҳод намуданд. Хушнудкунанда аст, ки соҳибкоронамон масъалаҳои муҳимро мебароранд, ки натанҳо ба онҳо, балки ба тамоми соҳа алоқа доранд.

Ҳамаи ин масъалаҳо зимни қабули қарор бинобар натиҷаи гуфтугӯи ошкоро ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳоло дар бораи муҳимтарин ташаббусҳои нав, ки дар асоси пешниҳодҳои расида таҳия гаштаанд, таваққуф менамоянд.

### Самти аввал — имконоти нав барои тиҷорати хурд

Тавре ки маълум аст, тиҷорати хурд ин қувваи бузург, ки ба маҳалла, ноҳия руҳи нав ворид намуда, ҳамватанонро ба ваҷд меорад.

Дар бисёр давлатҳои иқтисодиёташ зуд рушдкунанда 70-80 фоизи ҷойҳои корӣ аз ҷониби намояндагони сектори мазкур фароҳам оварда мешавад. Таърихи тамоми ширкатҳои бонуфуз маҳз аз тиҷорати хурд ва миёна оғоз ёфтааст.

Дар солҳои охир дар мамлакатамон ҳаҷми калони кори амалӣ бобати рушди микробизнес ва соҳибкории хонаводагӣ анҷом дода шудааст. Аз тариқи барномаҳо соле барои дастгирии молиявии микробизнес мо беш аз 1 миллиард доллар равона менамоем. Дар натиҷа ҳоло дар ҳар як маҳалла на камтар аз 40-50 соҳибкори нав пайдо шуда, ҳазорҳо ҷойи кори доимӣ ба вуҷуд меоранд. Аммо, гуфтан аз рӯйи адолат аст, ки ҳанӯз ин муҳит дар қисмати дастгирии манзилноки тиҷорати хурд, ба вуҷуд овардани шароити ногузир барои он вай пурра ташаккул наёфтааст.

Дар ибтидои сол мо дақиқ муайян намуда будем, ки кӣ ба тоифаи тиҷорати хурд дохил мегардад. Ҳоло барои он ки соҳибкорони хурд «ба по истанд» ва фаъолияти худро вусъат диҳанд, мо бархурдҳои комилан навро ба роҳ меандозем. Экосистемаи том оид ба таълими намояндагони мазкури соҳибкорон, коркардҳо барои лоиҳаҳои онҳо, таъмини молиявии фаъолият, ҷустуҷӯи шарикони тиҷоратӣ ва бозори фурӯши маҳсулот ба вуҷуд оварда мешаванд.

Барои ин мо, **аввал**, «Қишлоққурилишбонк»-ро ба «Бонки рушди тиҷорат» табдил медиҳем. Фаъолият, усули кор ва механизмҳои таъмини молиявии бонки нав комилан тоза мегардад. Аз он ҷумла, дар назди бонк дар ҳар як минтақа маркази тиҷорати хурд, яъне 14 марказ ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ беш аз 500 ҳазор намояндаи микробизнес малакаи худро такмил дод. Аз ин баъд ёварони ҳокимҳо дар 9400 маҳалла ҳар моҳ барои марказҳо 3-4 соҳибкорро дар ҳудуди худ вобаста мекунад, ки онҳо мехоҳанд аз микро ба тиҷорати хурд гузаранд.

Марказҳо дар таҳияи бизнес-лоиҳаҳои ташаббускорон ҳамдастӣ мекунанд, аз ҳисоби худ соҳибкоронеро, ки мехоҳанд лоиҳаи навро татбиқ намоянд, таълим медиҳанд, ба он мутахассисони зарурро ҷалб менамоянд, ба соҳибкорон хидматҳои муҳосибавӣ, андоз, аудиторӣ, бозоршиносӣ, ҳуқуқӣ ва дигари консалтингӣ мерасонанд.

**Дуюм**, таъмини молиявии лоиҳаҳои соҳибкорон роҳандозӣ мегардад, ки дар марказҳои тиҷорати хурд дар ҳудудҳо бинобар шароити хеле муфид таълим медиҳанд.

Ҳамзамон агар соҳибкор ба лоиҳаи тиҷорати хурд 10 фоиз сармоя гузорад, пас 45 фоизи захираро «Бонки рушди тиҷорат» равона менамояд, барои 45 фоизи боқимонда захираҳои дастгирии давлатӣ ҷудо карда мешавад.

Барои ин мақсадҳо дар як соли соҳибкорӣ танҳо бонк 500 миллион доллар пешниҳод менамояд, ҳамин қадар маблағро давлат низ ҷудо мекунад. Кредитҳо барои соҳибкорон ба шарти имтиёзнок ба муҳлати 5-7 сол пешниҳод мегардад. Аз 1 октябр бахши кредит оид ба 150 миллион доллари маблағи мазкур кушода мешавад.

Соҳибкороне, ки тиҷорати худро роҳандозӣ намуданд, молики таърихи кредит ва андози тоза мебошанд, тақозои товон зимни дарёфти кредит барои ба дараҷаи нав бардоштани фаъолияти худ ба миқдори 50 фоиз паст карда мешавад.

Корхонаҳое, ки ба захираҳои иловагӣ барои татбиқи лоиҳа ниёз доранд, ҷудо намудани маблағи иловагӣ ба изофаи кредити мавҷуда иҷозат дода мешавад. Соле ба ин мақсадҳо барилова як триллион сӯм ҷудо хоҳад шуд. Инчунин, харҷи бимаи таҷҳизоти дар доираи лоиҳа воридгарданда, сертификатсияи ашёи хом ва масолеҳ аз ҷониби марказҳо сарпур карда мешавад.

То муддати се сол фаъолияти корхонаҳои тиҷорати хурд, ки дар барнома иштирок доранд, тафтиш карда намешаванд.

**Сеюм**, бо ҳамкории марказҳои тиҷорати хурд робитаҳои ҳамкории байни ташаббускорони лоиҳаҳо ва корхонаҳои давлатӣ баркарор карда мешаванд. Ҳамзамон марказҳо ба корхонаҳои нав дар бобати татбиқи технологияи замонавӣ, такомули малакаи кормандон ва фурӯши маҳсулот мадад мерасонанд.

Ҳамзамон, ба корхонаҳои мазкур дар низоми харидҳои давлатии маҳсулоти истеҳсоли худ дар зарфи 2 сол дар асоси қарордодҳои бевосита иҷозат дода мешавад.

**Чорум**, барои идора намудани марказҳои тиҷорати хурд шарикони хусусӣ ҷалб карда мешаванд. Ба чунин соҳибкорон ҳуқуқи иштироки саҳмгирӣ дар «Бонки рушди тиҷорат» вогузошта мешавад.

Ба марказҳо мо инчунин мутахассисони хориҷиро ҷалб менамоем. Ҳамзамон ба мутахассисоне, ки аз хориҷа ҷалб мегарданд, мисли мушовирони тиҷоратӣ, муҳандис-технологҳо, ороишгар, мудири меҳмонхона, бозоршинос, агроном, байтор, тухмишинос муддати иҷозати корашон дар Ӯзбекистон аз 1 то 3 сол дароз карда мешаванд. Пардохт барои иҷозати кор аз 10 миллион сӯми ҳозира то 330 ҳазор сӯм коҳиш дода мешавад. Барои онҳо талаби хулосаи мақомоти ҳудудии кор дар бораи мувофиқи мақсад будани ҷалб кардан ба кор татбиқ намегардад.

**Панҷум**, мо инчунин қонуни алоҳидаро дар бораи татбиқи низоми нав қабул мекунем. Ҳамзамон тартиби содашудаи тамоми ҷараёнҳое, ки бо татбиқи лоиҳаҳои тиҷорати хурд якҷоя бо марказ алоқаманданд, муайян карда мешаванд.

Бешак, ҳам бонк, ҳам марказ аз он манфиатдор бояд бошанд, ки лоиҳаи нав фоида оварад ва фаъолияти соҳибкор рушд намояд. Аз ин боис бо роҳандозии лоиҳаи нави тиҷорати хурд тамоми андозе, ки аз он ворид мегардад, дар зарфи ду сол ба «Бонки рушди тиҷорат» барои маблағи гардишӣ таҳвил мегардад. Яъне низоме ба вуҷуд оварда мешавад, ки дар он сурат бонк аз дараҷаи баланди даромади соҳибкор манфиатдор мешавад.

Аз ҳама муҳимаш, дар барномаи мазкур метавонад иштирок намояд ва ҳамчунин бевосита аз ҳар гуна бонкҳои давлатӣ ва хусусӣ маблағ ҷалб намоянд. Даромаде, ки дар доираи барномаҳо бонкҳо ба даст меоранд, аз базаи андоз ҷудо карда мешавад. Дар он сурат дар соҳибкорон ва дар бонкҳо манфиатдорӣ ва рақобат ба вуҷуд меояд. Барои ин аз Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ ва дигар ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мо боз 500 миллион доллар ҷалб менамоем.

Мақсади мо дар тӯли сол ба по гузоштани на камтар аз 150 ҳазор воҳиди тиҷорати хурд, на камтар аз 25 ҳазорро ба корхонаи миёна табдил додан, дар сектор ба вуҷуд овардани 250 ҳазор ҷойҳои нави доимии кор мебошад.

### Самти дуюм – тиҷорати миёна ҳамчун кафолати рушди устувори иқтисодиёт

Муҳтарам вакилони тиҷорат!

Тиҷорати миёна, ки ба технология ва инноватсияҳои нави истеҳсолкунандаи маҳсулоти босифату рақобатбардор такя мекунад, ҳалқаи муҳими иқтисодиёти мо ба шумор меравад.

Вале, агар гӯем, ки ҳоли ҳозир шароит барои тиҷорати миёна кофӣ нест, аз рӯйи адолат мешавад. Ҳомигӣ ва сарпурсозӣ бинобар вомҳои тиҷоратӣ танҳо аз ҷониби Бунёди соҳибкорӣ пешниҳод мегарданд. Ин ҳам, барои ҳама нест.

Бинобар ҳамин мо муносибатҳои навро барои дастгирии соҳибкороне, ки мехоҳанд аз тиҷорати хурд ба тиҷорати миёна гузаранд, ба роҳ мемонем. Дар ин самт фаъолият ва усулҳои кори бунёдҳои мавҷуда оид ба дастгирии тиҷорат куллан тағйир меёбад.

Минбаъд Бунёди соҳибкорӣ (Ч. Қӯчқоров) барои кӯмакрасонии молиявии лоиҳаҳо дар соҳаи хидматрасонӣ ва тиҷорат, лоиҳаҳои сабз ва самарабахши энергетикӣ, Бунёди рушди саноат (Ч. Хӯҷаев) барои лоиҳаҳои саноатӣ ҷавобгар хоҳанд буд.

Барои идоракунии бунёдҳо мо менеҷерҳои соҳибихтисоси хориҷиро даъват мекунем. Бунёдҳои мазкур бо мабалағҳои буҷавӣ маҳдуд намешаванд, ба онҳо бинобар ҷалби мустақилонаи сармояҳо ваколат дода мешавад. Ҳамин тариқ, соли оянда бунёдҳои мазкур барои тиҷорати миёна барилова 1 миллиард доллар ҷалб менамоянд.

**Якум**, барои татбиқ сохтани лоиҳаҳои пешомаднок дар соҳаҳои муҳаррик мо Бунёди рушди саноатро созмон додем ва барои он дар давраи аввал 200 миллион доллар ҷудо кардем.

Аз 1 сентябр аз бунёд барои бо маблағ таъмин сохтани лоиҳаҳои нав вомҳо дар асъори хориҷӣ бинобар миқдори 5 фоиз, дар асъори миллӣ ба миқдори 10 фоиз барои 10 сол ҷудо карда мешавад, ба корхонаҳои саноатӣ барои маблағҳои муомилотӣ ба муҳлати то 1 сол дар асъори хориҷӣ ба миқдори 4 фоиз, дар асъори миллӣ ба миқдори 10 фоиз вомҳо пешниҳод карда хоҳанд шуд.

Дар ин маврид барои таҷҳизоте, ки кашонда мешаванд, аз ҷониби бунёд дар шакли вом пешпардохтҳои 15 фоиза низ дода мешаванд, як қисми хароҷот то 20 ҳазор доллар барои маркетинг, лоиҳасозӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ чун иловапулӣ пардохта хоҳад шуд.

**Дуюм**, низоми ипотекаи саноатӣ ба роҳ монда мешавад, майдонҳои истеҳсолӣ дар шакли тиҷорати тайёр сохта ва ба соҳибкорон дода хоҳанд шуд. Аз ҷумла, дар ҳар кадом вилоят на камтар аз 3 минтақаи нави саноатӣ сохта мешавад.

Ғайр аз ин дар минтақаҳои саноатие, ки иншооти истесолӣ сохта хоҳанд шуд, ба хусусигардонии қитъаҳои замин баъд аз иҷрои ӯҳдадориҳои сармоявӣ иҷозат дода мешавад.

**Сеюм**, тӯли солҳои охир ба шарофати татбиқ намудани барномҳои васеъмиқёси сармоявӣ дар мамлакати мо тақрибан 20 ҳазор корхонаи бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз сохта шуданд. Нисфи онҳо корхонаҳои зинаи миёна мебошанд.

Барои вусъат додани фаъолияти онҳо ба ҷалби сармоягузорон ва брендҳои нав бояд кӯмак расонида шавад. Бинобар ҳамин ҳам, агар корхона бо бренд ва сармоягузорони хориҷӣ шартнома бандад, вай метавонад дар он бо сармояҳои то 20 фоиз сармояи навтаъсиси Бунёди саноат иштирок кунад.

**Чаҳорум**, Бунёди соҳибкорӣ ба соҳаи хидматрасонӣ – боз як муҳаррики иқтисодиёти мо ҷавоб медиҳад.

Ба Бунёд бобати ворид шудан ба сифати иштирокдор дар корхонаи асосии тиҷорати хурд ваколат дода мешавад. Барои ин ба фонд дар соли равон барилова 25 миллион доллар, соли оянда бошад, боз 100 миллион доллар ҷудо карда хоҳад шуд.

Баробари ин ба бунёд ҳамчунин васоятгарӣ бинобар вом дар асъори хориҷӣ барои тиҷорати миёна дода мешавад. Бунёд низоми «хидматрасонии ипотекӣ»-ро дар соҳаҳои сайёҳӣ, савдо ва тиҷорат ҷорӣ менамояд.

Минбаъд ба соҳибкорон лоиҳаҳои тайёри иншооте чун меҳмонхона, тарабхона, маҷмӯи савдо, истгоҳи автомобилӣ, истгоҳи сӯзишворӣ, кемпинг пешниҳод карда хоҳанд шуд.

Ҳамчунин, бунёд ба соҳибкорон барои хариди қитъаи замин баҳри иншооти хидматрасонӣ, сохтмони биноҳо, иншоот ва маблағҳои муомилотӣ захираҳо ҷудо менамояд. Баробари ин барои ҷорӣ намудани технологияи «сабз» дар корхонаҳо аз шарикони хориҷии мо 100 миллион доллар ҷалб карда хоҳад шуд.

Ин ду низоми нав аз 1 октябр пурра ба роҳ монда мешаванд, соли оянда барои лоиҳаҳои нави тиҷорати миёна дар саноат 2 ҳазор, дар соҳаи хидматрасонӣ 10 ҳазор маблағ ҷудо карда мешавад.

Агар мо ҳама ҳамҷиҳатона ва аз таҳти дил кор кунем, ба шарофати имкониятҳои нав метавонем дар ҳаҷми 1 миллиард доллар хидматҳои иловагиро ба роҳ монем, дар ҳаҷми 5 миллиард доллар маҳсулоти нав истеҳсол кунем, 350 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварем.

### Самти сеюм – ворид шудан ба бозорҳои нав бо маҳсулоти хушсифат ва рақобатбардор

Дӯстони азиз!

Бешубҳа, эътиборе, ки солҳои охир ба ин масъала – 1,5 баробар зиёд кардани истеҳсолот нигаронида шудааст, суръати баланди афзоиши иқтисодиёти моро таъмин кард.

Бояд дарк намуд, ки мо наметавонем афзоиши баланди иқтисодиро чун баъзе кишварҳо аз ҳисоби фурӯши захираҳои нефт ва газ таъмин созем.

Нафт ва гази мо маҳсулоти дорои сифат ва арзиши баланд буда, бо ташаббуси соҳибкорони кордоне чун шумо истеҳсол мешаванд.

Бинобар ҳамин ҳам маҳсулоти мо бояд босифат, харидоргир ва дар бозорҳои хориҷӣ рақобатбардор бошанд. Барои муваффақ шудан ба ин натиҷаҳо бояд истеҳсолот ба сатҳи куллан нав бардошта шавад ва қатъиян афзояд.

Соли гузашта дар ҷараёни мулоқоти ошкоро мо барномаи **«Ӯзбекистони Нав – кишвари дорои маҳсулоти рақобатбардор»**-ро ба роҳ гузоштем. Дар доираи он 100 корхонаи содиротии пешқадам интихоб карда шуданд, ки барои онҳо режими махсус бинобар вомҳо, андоз ва гумрук ҷорӣ гардид. Дар натиҷа содироти корхонаҳои мазкур соли равон 1,5 баробар афзуд ва ба 1,2 миллиард доллар расид.

Умуман тӯли чаҳор соли охир ба шарофати дастгирӣ намудани содирот миқдори чунин корхонаҳо аз 4,5 то ба 7,2 ҳазор, номгӯйи маҳсулоте, ки ба хориҷа фурӯхта мешаванд, аз 1,5 то 3 ҳазор, ҷуғрофияашон бошад, аз 139 то 164 мамлакат афзуд, ҳаҷми фурӯши маҳсулоти тайёр дар бозорҳои хориҷӣ 2 баробар зиёд гардид, ҳамзамон саҳми фурӯши молҳо аз 50 то ба 65 фоиз афзоиш ёфт. Баробари ин бинобар вазъи арсаи байналхалқӣ, хароҷот барои логистика 3-4 баробар зиёд шуд. Бинобар ҳамин ҳам мо дастгирӣ кардани корхонаҳои содиротиро мунтазам давом медиҳем. Мо бояд минбаъд низ имконияти молиявии онҳоро вусъат диҳем.

Ҳамзамон барои сарпурсохтани хароҷоти онҳо бинобар логистика барилова 100 миллион доллар ҷудо мекунем. Боз 25 миллион доллар барои сертификати маҳсулот ба хориҷа, ҷорӣ намудани меъёрҳои байналхалқӣ ва тайёр кардани мутахассисон дар ин соҳа ҷудо карда хоҳад шуд.

Соли равон мо барномаи **«Ӯзбекистони Нав – кишвари дорои маҳсулоти рақобатбардор»**-ро идома медиҳем ва миқдори корхонаҳои барномаи мазкурро ба 500 адад мерасонем. Барои онҳо бинобар барнома имтиёзҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Боз як имконияти бузург барои вусъат додани содирот ба кишвари мо ҷалб намудани брендҳои бонуфузи хориҷӣ ба шумор меравад. Чунончӣ, 50 бренди машҳуртарини ҷаҳон, ки бозори солонаи онҳо аз 100 миллард доллар зиёд аст, аз ҳамкорӣ бо корхонаҳои мо бағоят манфиатдоранд.

Мувофиқи супориши ман гурӯҳи корӣ бо брендҳои бузургтарини Испания, Олмон, Полша, Туркия гуфтушунидҳо баргузор кард. Онҳо тайёранд ба корхонаҳои маҳаллии мо дар ҳаҷми 3 миллиард доллар супориш диҳанд. Мо ҳеҷ гоҳ чунини имконият надоштем. Барои ин мо 3 масъалаи муҳимтаринеро, ки онҳо рағбат доранд, ҳаллу фасл менамоем. **Якум**, меъёрҳои байналхалқӣ, талаботи экологӣ ва сертификат ба истеҳсолотро ҷорӣ мекунем. Барои ин мутахассисони корхонаҳои маҳаллиро таълим медиҳем.

**Дуюм**, барои коргарони корхонаҳои маҳаллӣ шароити мусоид фароҳам меоварем.

**Сеюм**, барои кашондан ва фурӯхтани маҳсулоти брендҳои машҳур режими мусоиди гумрукӣ ҷорӣ мекунем.

Ба корхонаҳое, ки брендҳои бузургро ҷалб менамоянд, дар ҳаҷми 500 миллион сӯм грант ҷудо карда мешавад. Имрӯз пешниҳод мекунам, ки ба Неъмат Фатҳиддинов – роҳбари корхонаи «Фазмон текстил» дар Намангон, ки бренди «Дизел»-и Олмон ва ба Фан Ронгхуангу – сардори корхонаи «Сино интернейшнл» дар Андиҷон, ки бренди амрикоии «Найк»-ро ҷалб намудааст, авввалин чунин грант дода шавад.

Фикр мекунам, соҳибкорони мо, ки мехоҳанд ба бозорҳои байналхалқӣ ворид шаванд, ин таклифро дастгирӣ мекунанд.

### Самти чаҳорум – зиёд кардани корхонаҳои сердаромад

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Дар вохӯрии имрӯза ман мехоҳам боз як ташабусро пеш гузорам.

Бо ҷалби мушовирони байналхалқӣ дар соҳаҳои электротехника, истеҳсоли маводи сохтмон, саноати бофандагӣ, чарму пойафзор, заргарӣ, мебел, полимерӣ, кимиё ва хӯрокворӣ 140 лоиҳаи тайёр коркард шуданд.

Имрӯз ба шумо ин лоиҳаҳои 140 корхонаи пешқадами саноатӣ пешниҳод гардиданд. Арзиши умумии онҳо 10 миллиард доллар буда, фароҳам овардани 60 ҳазор ҷойҳои корӣ, истеҳсоли маҳсулот дар ҳаҷми соле 5 миллиард доллар ва содироти мол дар ҳаҷми 2,5 миллиард доллар пешбинӣ шудааст.

Ин 140 лоиҳа дар платформаи электронӣ ҷойгузин ва ба соҳибкорон дар шакли ошкорову шаффоф пешниҳод гардидаанд. Мо тайёрем худи ҳозир бо соҳибкороне, ки ин ҷо ҳузур доранду барои иштирок дар барнома рағбат зоҳир мекунанд, шартнома бандем. Барои онҳо дар ҳамин ҷо ва ҳоли ҳозир масъалаҳои ҷой, маблағ ва инфрасохтор ҳаллу фасл карда хоҳанд шуд.

Ба корхонаҳое, ки ба барнома шарик мешаванд, аз ҷониби Бунёди рушди саноат бо миқдори фоизи кам ба муҳлати 10 сол вомҳо ҷудо мегарданд.

Соли оянда дар ҷараёни мулоқоти ошкоро мо, ҳатман, якҷо лоиҳаҳои мазкурро ба роҳ мемонем.

### Самти панҷум – содда кардани маъмурияти андоз ва фароҳам овардани муҳити мусоиди бидуни бюрократия.

Дӯстони азиз!

**Ҳар қадар, ки дар мамлакатамон соҳибкорон зиёд шаванд, ҳамон андоза даромадашон зиёд мешавад, ҳамон қадр давлати мо сарватманд мегардад.** Мо ҳама аз чандин карат афзудани сафи соҳибкороне чун шумо ташаббускору ҷӯё ва фидоӣ баробар манфитатдорем.

Бинобар ҳамин ҳам бо роҳи зиёд кардани бори андоз барои соҳибкороне, балки дастгирӣ ва зиёд кардани даромад ба буҷа аз ҳисоби вусъат додани пойгоҳи андоз меравем.

Бинобар пурсишҳои гузаронидашуда, 62 фоизи соҳибкорони мо ба ислоҳоти соҳаи андоз баҳои мусбат додаанд. Вале намояндагони тиҷорат аз низоми андоз, фаъолияти ходимони хидмати андоз чӣ қадар розианд?

Ба ман идораи мураккаби андоз, тамоми ҳодисаҳои дахолати аз ҳад зиёди он ба тиҷорат ва тамъагарӣ дар ин низом шинос аст. Минбаъд мо онро куллан ислоҳ мекунем, муносибати ходимони мақомоти андозро пурра тағйир медиҳем. Маъмурияти андоз низ соддатар карда хоҳад шуд.

**Якум**, низоми дарамали ба гурӯҳи хатар нисбат додани соҳибкорон пӯшида ба шумор рафта, андозсупорандагони бовиҷдон низ барои ҳар кадом шарикашон, ки замоне ба хатоӣ роҳ додааст, ҷавобгар мебошанд.

Дар пурсишҳо 70 фоизи андозсупорандагон барои арзиши иловагӣ аз хусуси истифодаи ғайриодилонаи коэффитсенти ҳисобу китоби андоз ҳангоми бозгардонии андоз, яъне низоми «tax-gap» норизоӣ изҳор доштаанд. Қисмати зиёди шикоят бинобар тамаъгарӣ дар низоми андоз маҳз бо «tax-gap» алоқаманд аст.

Аз 1 октябр ҳангоми бозгардонии андоз барои арзиши иловагӣ мо таҷрибаи истифодаи коэффитсенти ҳисобу китоби андоз, яъне «tax-gap»-ро бекор мекунем.

Ғайр аз ин Палатаи савдою саноат, бизнес-омбудсман якҷо бо намояндагони соҳа рейтинги ошкорои соҳибкоронро ҷорӣ менамоянд. Дар ин маврид аз оғози 1 январи соли оянда корхонаҳои дорои рейтинги олӣ аз тамоми хелҳои тафтишоти андоз озод карда мешаванд, ба онҳо дар тӯли як рӯз қисмати изофавии андоз барои арзиши иловагӣ баргардонда, таҷрибаи муваққатан боздоштани амали шаҳодати андозсупор барои арзиши иловагӣ бекор карда мешавад.

**Дуюм**, назорати камералӣ набояд силоҳи андозгир бошад, балки ҷараёне бошад, ки хатои соҳибкорро нишон медиҳад ва барои ислоҳ кардани он кӯмак мерасонад.

Пӯшида нест, ки ҳоли ҳозир назорати камералӣ куллан ба тафтиши андоз табдил ёфт, ки низ ба тамаъгарӣ роҳ мекушояд.

Минбаъд ҳангоми назорати камералӣ мо талаб кардани ҳуҷҷатро аз соҳибкор ё худ ба мақомоти андоз даъват намудани ӯро қатъиян манъ мекунем.

Намояндагони мақомоти андоз ҷаҳонбинии худро тайғир дода, бояд имкониятҳои зиёдро дар маҳаллаҳо ба кор андозанд, танҳо ва танҳо барои соҳибкор шароит фароҳам оваранд.

Ғайр аз ин шумо дар бораи созмон додани платформаи ошкоро ва шаффофи ба роҳ мондани низоми баҳогузории соҳибкорон ба сифати хидмати кормандони андоз чӣ мегӯед?

**Сеюм**, алҳол барои як ҳуқуқвайронкунии андоз нисбати соҳибкор ҳам ҷаримаи молиявӣ ва ҳам чун ба шахси ҷисмонӣ ҷаримаи маъмурӣ истифода бурда мешавад.

Минбаъд чунин таҷриба бекор карда хоҳад шуд.

Умуман ҷаримаҳое, ки нисбати соҳибкорон истифода мешаванд, на бояд сабаби боздоштани фаъолияти онҳо бошанд. Аз ин нуқтаи назар дар тӯли се моҳ тамоми санксияҳои молиявӣ таҷдиди назар ва маҳаки адолатнокии онҳо муайян карда мешаванд.

**Чаҳорум**, мо тамоми талошҳои соҳибкоронро бо мақомоти андоз ба ихтиёри суди маъмурӣ медиҳем. Ғайр аз ин кулли маҳдудиятҳоро ҳангоми бевосита ба суд додани шикояти соҳибкорон бекор мекунем.

Муҳлати дохил кардани даъво нисбати соҳибкорон бинобар андоз аз 5 соли дарамал то 3 сол кӯтоҳ карда мешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми баровардани қарори суд дар бораи ситондани қарздории андозӣ ё худ вомӣ ҳисобу китоби иловапулӣ ва фоиз бекор карда хоҳад шуд.

**Панҷум**, ҳоло соҳибкорон дар доираи зиёда аз 140 ҳисобот вазифадоранд, ки ба 16 мақомоти давлатӣ тақрибан 8 ҳазор ҳуҷҷат пешкаш кунанд. Дар натиҷа 500 ҳазор соҳибкор соле барои тайёр кардани чунин ҳисоботи гуногун 300 миллиард сӯм харҷ мекунад.

Вобаста ба ин аз 1 январи соли 2024 ҳисоботҳое, ки якдигарро такрор мекунанд, ё худ кӯҳна шудаанд, боздошта мешаванд, тамоми ҳисобот аз тариқи низоми ягонаи электронӣ пешниҳод шуда, шакли хаттии онҳо бекор карда мешавад.

Мехоҳам эътибори шуморо боз ба як масъала ҷалб намоям.

Гузаштан ба низоми кластер дар муҳлати кӯтоҳ барои тағйироти куллӣ дар хоҷагии қишлоқ асос фароҳам овард. Аз ҷумла, тӯли шаш соли гузашта ҳосили аз 1 гектар пахта ба даст омада аз 26 то 34 сентнер афзуд. Бахусус, дар вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Намангон, Самарқанд, Қашқадарё, Хоразм ва Тошканд ҳосилнокӣ ба 40 фоиз расид.

Коркарди нахи пахта 2,5 баробар зиёд гардида, ба 100 фоиз расонда шуд, истеҳсоли калоба 2,2 баробар, маҳсулоти тайёр 5 баробар афзуд.

Мо дар назди худ мақсади бузург гузоштаем, ки ин соли оянда дар соҳа 1,5 баробар зиёд намудани содирот ва нисбати 3,2 миллиард доллари соли 2022-юм ба 5 миллард доллар расондани содирот мебошад.

Ҳоли ҳозир дар кластерҳои пахтаву бофандагӣ тақрибан 600 ҳазор нафар кор мекунанд ва даромади доимӣ мегиранд.

Ман хабардорам, ки аз ҳосили пахтаи соли гузашта бинобар тафриқаи зиёди байни арзиши нах дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва дохилӣ кластерҳои мо дар ҳаҷми 6 триллион сӯм зарар диданд. Бо дарназардошти вазъияти мазкур мо қарздории вомии кластерҳоро дар ҳаҷми 3 триллион сӯм ба соле дароз кардем.

Мо минбаъд низ истифодаи чунин механизмҳои дастгирии молиявиро вусъат медиҳем. Барои мисол, ба муомилоти маблағи кластерҳо барои ним сол дар ҳаҷми 3 триллион сӯм вом ҷудо карда мешавад.

Ғайр аз ин хароҷоти нақлиёт барои кашондани нахи пахта ва нахи сунъӣ дар ҳаҷми 50 фоиз сарпур карда, маҳсулот, воситаҳои рангу бор ва кимиёӣ, фурнитура, низоми сардкунӣ ва аксессуарҳо барои се сол аз боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Муҳтарам соҳибкорон!

Мехоҳам ба шумо муроҷиат кунам.

Бинобар ислоҳоти андоз, ки тӯли ҳафт соли охир татбиқ мешаванд, имтиёз ва сабукиҳое, ки барои соҳибкорон пешниҳод мегарданд, зиёда аз 120 триллион сӯм дар ихтиёри онҳо монд.

Инак, имрӯз низ барои онҳо имконият ва сабукиҳои бағоят зиёд пешниҳод мегардад.

Тавре ки дар урфият мегӯянд, барои пахтачинӣ ду даст лозим аст. Алҳол дар мамлакати мо саҳми иқтисодиёти пӯшида дар ҳудуди 40 фоиз аст.

Мо тайёрем барои намояндагони софвиҷдони тиҷорат, ки ҷойҳои корӣ фароҳам меоваранд, технологияи пешқадамро ҷорӣ мекунанд, маҳсулоти нав меофаранд, содиротро зиёд менамоянд, тамоми шароитро муҳайё кунем. Вале мо, бешубҳа, нисбати соҳибкорони ҳаннот, ки аз андоз сар тофта, ӯҳдадориҳои худро иҷро намекунанд, мубоpизаи қатъӣ мебарем.

Бинобар ҳамин, агар тоҷирони мо дар сафҳои худ ба чунин соҳибкорони нопок роҳ надиҳанд, фикр мекунам, мо саҳми иқтисодиёти пӯшидаро чандин карат коҳиш дода метавонем.

Ҳамватанони азиз!

Дар даврони нави рушди кишварамон мо ҳар як сол бобати татбиқ сохтани барнома ва лоиҳаҳои бузург қадами нав мегардад.

Нақша ва барномаҳои барои солҳои оянда андешидаамонро татбиқ кардан, албатта, осон нест. Мо инро бояд ошкоро бигӯем. Вале бо чунин соҳибкорони қатъӣ, ҷасур ва ташаббускор, ки дар санҷишҳои ҳаёт обутоб ёфтаанду корашон бо суханашон мувофиқат мекунад, мо, албатта, ба ниятҳои худ мерасем.

Андешаҳо

# БЕҲИН КОРЕ, КИ АНДАР ЗИНДАГОНИСТ

Бузургмардони олами хиради мо некӣ ва накӯкориро чун яке аз беҳтарин фазилатҳои инсонӣ бисёр тараннум кардаанд. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ мефармояд, бояд ба дунё бо чашми хирад нигарист ва ҳамеша некӯкорӣ кард.

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад-он чашм, к-андар он нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,*
*Киштие соз, то бад-он гузарӣ.*

Бо мутолиаи ин фармудаҳои ҳакимона мақоли мардумии «некӣ куну ба дарё андоз» ба хотирамон мерасад, ки маънояш: «ҳамеша накӯкор бош, вале ба ивази некият чизеро умедвор нашав».

Дуруст, ба ивази некие, ки ба нафаре кардаем, аз ӯ ҷавобан чизеро чашмдор будани мо хатост, вале мукофоти он некӣ аз ҷойи дигар хоҳад баргашт.

Ҳаёт мубориза аст, мегӯянд бузургон. Мубориза чӣ маънӣ дорад? Муаллифи «Футувватномаи султонӣ» Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар фасли сеюми рисолаи худ, ки оиди тариқати ҷавонмардист, муборизаро шарҳ дода, таъкид месозад маънои он аз хилқати одамизод баромадааст, яъне одамизодро лозим аст барои мақбулсозии хулқу атвори худ доимо ҳаракат намояд. Ҳақиқати ин калима дар он ки сифатҳои мақбул ва номақбуле, ки дар инсон мавҷуд, ҳеч вақт ба ҳам созиш намекунанд: сифате, ки мавҷуд, ҳамеша аз пайи дафъ кардани сифатест, ки ба он муқобил аст. Аз ин мебарояд, мубориза ҳамин хусусияти дар хилқати инсон мавҷударо ифода менамояд. Дар мубориза, албатта, қувват ва қудрат чизи муҳим. Вале Кошифӣ дар ақидаест қувват ва қудрат на ҳамеша дар ҷойи аввaланд, зеро ҳайвонҳое мавҷуданд, ки назар ба инсон хеле пурқувват. Аммо дар онҳо илму дониш нест. Қувва бошаду онро ақл идора насозад, шоҳеро монад, ки лашкар надорад. Танҳо дар вазъи ба ҳам мувофиқ омадани қувва ва илм инсон ба иҷрои ҳар гуна амалҳои нек қодир аст.

Кошифӣ меафзояд, агар пурсанд, ки мубориза ё худ ҳарб илм аст ё амал, ҷавоб бидеҳ он илмест, ки ба амал сахт вобастагӣ дорад.

Дар некӣ ва накӯкорӣ, ки ҳикмат зиёд, мехоҳем ба дигарон нағзӣ кунем, вале ғурур, худписандӣ ва лоқайдӣ, ки дар вуҷуди мост, ҳамеша ба кор халал мерасонад.

Дар атвори мо агар сифатҳои хуб дастболост, олам гулистон. Бо дарёфт ва шод кардани диле шодӣ кардан бахти баланд аст.

Назар ба фикри донишмандоне, ки аз одамият сабақ медиҳанд, накӯии кас дар се намуд зоҳир мегардад. Яъне, дар меҳру муҳаббат ба бародарону ақрабо, ба ҳамсар ва фарзандон, ба аҳли диёр.

Инсон бояд аз бародарон некии худ дареғ надорад, олиҳиммат бошад, бо садоқати том ба онҳо мададгорӣ намояд. Аллома Абулқосим Маҳмуд аз- Замахшарӣ дар ин бобат чунин панд медиҳад: «То даме дар чанголи марг наӣ, аз ҳеч кас кумаки худ дареғ надор. Аз ҳоли муҳтоҷон ҳамеша бохабар бош, ба онҳо бо дасти кушод эҳсон намо. Бахт ва барака ба оне, ки дарвозааш кушод, ато гардида, ин чизҳо аз дарвозаи пӯшида мегурезанд. Дар ҷое, ки барака мавҷуд, меҳру оқибат ва накӯӣ ҳукмрон мебошанд».

Ҳирс ба моли дунё инсонро аз имон, аз инсонигарӣ дур сохта, ӯро ба шайтон мутеъ менамояд. Аз ин гуна шахсон некӣ, шафқат, мурувват интизор шудан хатост.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Деҳқонони кишварамон дар ҷашнворае, ки ҳар сол чун анъана дар шаҳри қадимӣ ва ҷавони Хива гузаронида мешавад, ҷамъ омаданд.*

*Агар солҳои пеш дар ин ҷашнвора танҳо деҳқонони воҳа вохӯрда байни ҳам таҷриба иваз карда бошанд, дар тадбири навбатӣ аз тамоми гӯшаҳои ҷумҳурӣ фермерону деҳқонон ширкат варзиданд.*

*Самараи меҳнати пурмашаққати кишоварзони моҳиру ботаҷриба, ки баҳору зимистон кор мекунанд, дар ана ҳамин чорабинии пурнозу неъмат равшан падидор гардид.*





*Дар майдони назди дарвозаи Паҳлавони мамнуъгоҳи осорхонаи давлатии Ичанқалъа маросими мукофотсупорӣ ва ҷамъбастии ҷашнвораи анъанавии ҷумҳуриявии «Сайри харбуза» баргузор шуд.*

*Пас аз ин маросим барои тамоми меҳмонон ва мизбонон аз ҷониби ҳунармандони озарбойҷонӣ ва ситораҳои санъати эстрадаи ӯзбек барномаи азими консертӣ намоиш дода шуд.*

***Дар суратҳо:*** *лавҳаҳо аз ҷашнвораи «Сайри харбуза».*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

# ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ ОИД БА РУШДИ СОҲИБКОРӢ ПЕШНИҲОД ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳангоми қарздиҳӣ низоми истифода ба сифати гарави таъмин сохтани муомилоти молҳо, қарордодҳои содиротӣ, аккредитҳо ва маоши минбаъда созмон дода шуд. Ба шарофати ин имконият ба соҳибкорон дар ҳаҷми 1 миллиард доллар вом пешниҳод шуд.

Низоми коркарди амвол дар ҳудуди гумрукӣ соддатар гардид. Дар натиҷа миқдори соҳибкороне, ки аз ин режими гумрукӣ истифода мебаранд, ду баробар афзуд. Тӯли як соли истифода аз ин имконият дар ҳаҷми 455 миллион доллар маҳсулот ба содирот бароварда шуд.

Рухсат ва иҷозатдиҳӣ барои 119 хели фаъолият, ки пештар дастрасии онҳо барои соҳибкорони нав душвор буд, бекор карда, ё худ ба шакли огоҳкунӣ гузаронида шуданд. Тӯли шаш моҳи соли равон миқдори санҷиши фаъолияти андозсупорандагон нисбати то ҳамин давраи соли гузашта 40 фоиз кам гардид.

Умуман тӯли соли сипаришуда миқдори соҳибкорони хурд ба 40 ҳазор, миқдори соҳибкорони миёна аз 2 ба 10 ҳазор, корхонаҳои калон то 1,5 ҳазор нафар афзуд. Шумораи корхонаҳои бузург 400 адад зиёд шуд ва соле ба 1,5 ҳазор расид.

Баъд аз мулоқоти кушод тӯли ду соли охир корхонаҳои ватанӣ дар ҳаҷми 25 миллиард доллар маҳсулот содир карданд, дар мамлакат бошад, истеҳсоли маҳсулоти воридотӣ дар ҳаҷми 10 миллиард доллар оғоз ёфт.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми суханрониаш панҷ самти асосиро мушаххас намуд. Ҳар кадоми онҳо бисёр ташаббусҳоро дарбар мегиранд.

Самти аввал ин имкониятҳои нав барои тиҷорати хурд аст.

Дар бораи созмон додани низоми ягонаи экологӣ барои омӯзондани намояндагони соҳаи мазкури соҳибкорӣ, бо лоиҳаҳо ва маблағ таъмин кардани фаъолияти онҳо, дарёфти бозори фурӯши маҳсулот ва шариконы тиҷоратиашон маълумот дода шуд. Барои ин, пеш аз ҳама, бонки «Қишлоқ қурилиш бонк» ба «Бонки рушди тиҷорат» табдил дода мешавад. Дар назди бонки ҳар кадом минтақа 14 маркази тиҷорати хурд ташкил меёбад. Лоиҳаҳое, ки дар онҳо соҳибкорон таълим мегиранд, бо муфидтарин шароитҳо молиявӣ карда мешаванд. Корхонаҳои хурде,ки дар ин барнома иштирок менамоянд, тӯли се сол аз тафтиш озод карда мешаванд.

Умуман низоми мазкур барои ба по хестани 150 ҳазор субъекти тиҷорати хурд кӯмак мерасонад, 25 ҳазор субъект метавонанд ба табақаи миёна гузаранд, 250 ҳазор ҷойҳои нави доимии кор фароҳам меоянд.

Дар доираи самти дуюм ташаббусҳои бо тиҷорати миёна алоқаманд ба забон оварда шуданд. Аз ҷумла, барои дастгирии соҳибкороне, ки мехоҳанд аз тиҷорати хурд ба тиҷорати миёна гузаранд, ҳам фаъолият ва ҳам усули кори бунёдҳои дахлдор тағйир дода мешавад. Барои таъмини молиявии лоиҳаҳои нав аз тариқи Фонди рушди саноат ба муддати даҳ сол кредит бинобар ставкаи 5 фоиз бо асъори хориҷӣ ва 10 фоиз бо асъори миллӣ ҷудо карда мешавад.

Низоми ипотекаи саноатӣ ба роҳ монда шуда, ба соҳибкорон майдонҳои истеҳсолӣ дар шакли ба тиҷорат тайёр пешниҳод мегарданд. Аз ҷумла, дар ҳар кадом минтақа на камтар аз 3 минтақаи нави саноатӣ созмон дода мешавад.

Дар навбати худ Бунёди давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ барои сектори хидматрасонӣ – боз як муҳаррики иқтисодиёт, масъул мегардад. Бунёди соҳибкорӣ, дар навбати худ, ба сектори хидматрасонӣ – боз як муҳаррики иқтисодиёт ҷавоб медиҳад. Бунёд низоми «Хидматрасонии ипотекӣ»-ро дар соҳаҳои сайёҳӣ, савдо ва тиҷорат ҷорӣ менамояд.

Таъкид гардид, ки аз ҳисоби ин имкониятҳои нав метавон дар ҳаҷми 1 миллиард доллар хидматҳои иловагиро фароҳам овард, дар ҳаҷми 5 миллиард доллар маҳсулоти нав истеҳсол кард ва 350 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил намуд.

Самти сеюм аз ворид шудан ба бозорҳои нав бо маҳсулоти босифату рақобатбардор иборат аст.

– Мо наметавонем чун баъзе кишварҳо аз ҳисоби фурӯши захираҳои нафту газ афзоиши баланди иқтисодиро таъмин созем. Нафт ва гази мо ин маҳсулоти қимат ва босифат буда, аз ҷониби корчаллонҳои ташаббускору серғайрате чун шумо истеҳсол мешавад, – гуфт Президент.

Дар натиҷаи аз ҷониби давлат дастгирӣ шудани самти мазкур тӯли чаҳор соли охир миқдори корхонаҳои содиротӣ аз 4,5 то 7,2 ҳазор афзуд. Хелҳои маҳсулоти содиротӣ аз 1,5 то ба 3 ҳазор, ҷуғрофияи фурӯш бошад аз 139 то ба 164 мамлакат зиёд гардид.

Соли гузашта барномаи «Ӯзбекистони Нав – кишвари дорои маҳсулоти рақобатбардор» ба роҳ гузошта шуд. Дар доираи он режими махсуси вом, андоз ва гумрук барои 100 адад корхонаҳои содиротии пешқадам ҷорӣ гардид.

Дар ҷараёни суҳбат эълон шуд, ки соли равон барномаи мазкур идома меёбад ва миқдори корхонаҳои фарогирифта ба 500 адад зиёд мегардад.

Роҳбари давлат ба ҷалби брендҳои бонуфузи хориҷӣ эътибори махсус дод. Таъкид гардид, ки барои ин бояд шароити шариконы хориҷӣ ба инобат гирифта, меъёрҳои байналхалқӣ, талаботи экологӣ ва сертификати истеҳсолот, ҳамчунин режими мусоиди гумрукӣ ҷорӣ карда, шароити хуби меҳнат барои кормандон дар корхонаҳо фароҳам оварда шаванд. Дар бораи ҷудо намудани грантҳо барои корхонаҳое, ки брендҳои маъруфро ҷалб менамоянд, ибрози назар гардид.

Самти чаҳорум ин зиёд кардани корхонаҳои даромадашон баланд аст. Ба ин мақсад бо ҷалби мушовирони байналхалқӣ 140 лоиҳа дар саноати электротехникӣ, бофандагӣ, чарму пойафзор, заргарӣ, сохтмон, мебел, полимерӣ, кимиёӣ ба хуроквoрӣ коркард шуданд. Арзиши умумии онҳо 10 миллиард долларро ташкил медиҳад, фароҳам овардани 60 ҳазор ҷойи корӣ, ба маблағи 5 миллиард доллар истеҳсол кардани маҳсулот ва соле 2,5 миллард долларина ба содирот баровардани маҳсулот ба нақша гирифта шудааст. Ин лоиҳаҳои тайёр аз ҷониби соҳибкорон пешниҳод шудаанд.

Самти панҷум ба содда кардани маъмурияти андоз ва аз байн бардоштани бюрократия нигаронида шудааст. Президент афзудани шикоятҳои вобаста ба тамаъгарӣ дар ин соҳа, ҳамчунин таҷрибаи ғайриодилонаи истифодаи коэффитсенти тақсими андоз (tax gap) ҳангоми бозгашти андоз ба арзиши иловагиро таъкид намуд. Вобаста ба ин қарор дода шуд, ки ин амалиёт аз 1 октябр бекор карда шавад.

Таъкид гардид, ки тамоми санксияҳои молиявӣ таҷдиди назар мешаванд ва меъёрҳои одилона устувор мегарданд.

Ҳамчунин баррасии тамоми талошҳои соҳибкор бо мақомоти андоз ба ихтиёри суди маъмурӣ дода мешавад. Ҳама гуна маҳдудиятҳо барои муроҷиати бевоситаи онҳо ба судҳо аз байн бардошта мешаванд.

Ба мақсади сарфаи вақт ва маблағи соҳибкорон аз 1 январи соли 2024 пешниҳоди ҳисоботи иловагӣ ва кӯҳнашуда бекор карда мешаванд. Қайд шуд, ки тамоми ҳисобот аз тариқи низоми ягонаи элетронӣ пешниҳод гардида, шакли хаттии онҳо аз байн бардошта мешавад.

– Дар давраи нави рушди кишвари мо ҳар як сол муҳлати зарурии татбиқшавии барнома ва лоиҳаҳои васеъмиқёс ба шумор меравад. То даме, ки мо тоҷирони ҷасуру фидоии аз санҷишҳои ҳаёт гузашта дорем, албатта, ба ҳадафҳои пешгузоштаи худ муваффақ мегардем, – гуфт Президент дар анҷоми суханронии худ.

Мулоқоти ошкоро дар шакли саволу ҷавоб идома ёфт. Ба шахсони масъул бинобар дархост ва мушкилоте, ки аз ҷониби соҳибкорон иброз гардиданд, супоришҳо дода шуданд.

**ЎзА.**

Нафаси зимистон нармтар шуда, ниҳоят бо қадами Арӯси сол ба Ватан баргаштам. Рӯзи равшан ба коми шом буд. Офтоб дар сари қуллаҳои барфашон барҷойи кӯҳи Фарҳод тоҷи хурӯсро мемонд.

Инак, поям дар Ватан аст…

Ҳоло аз ҳавои ҷононаш ҳарисона сина пур мекунам. Рӯйи ҷодаи хокӣ оҳиста қадам мениҳам, хокаш гӯё қолини хушгули мулоим аст. Аз тамошои дарахтони ғарқи гул, манзараи шиноси атроф –деворҳои похсаи ду бари роҳ, хоркулоҳи сари онҳо, шиғтавораи ҳотаҳо… сер намешавам. «Афсона, афсонаи зинда!» – мегӯям зери лаб. Ба гӯшам хониши якмароми мурғакони шохсор менишинад, ки якҷо бо садоҳои мухталифи хоси муҳити деҳа – овози бузу гӯсфандон, гову гӯсолаҳои ширмаст, ҳатто хеле нофор аст, ҳангоси маркабу ав-ави сагҳои ҳушёр… ба навои дилангезе мубаддал мегардад. Ҳоло ба ин сару садоҳо оҳиста нафаси шом расида, ногузир қатъ меёбанд. Аммо ҳарчӣ мешунавам, кифоят мекунад, ки аз таъсираш чун кӯкнорие дар олами рӯъёҳо ба парвоз оям. Махмурам ман. Чӣ хуш, ки ҳоло хотирам комилан болида. Якзайл масофа паймуда, бори вазнини китфонамро сабук ба сӯйи манзил мебарам. Бо фахр ба самти шонаҳоям нигоҳ меандозам. Туҳфаҳо табъи диланд – ду сумка кафам мегуфтанд.

Ана… дарвоза, нимабоз аст…

Садои дилам баланд мешавад – гӯё синаам коргоҳи оҳангарон буд. Ин ҷо, дар паси дарвозаи оҳании рангаш парида, хонаи падарии мост. Дар домани сабзи ин хоки шинос бачагӣ – айёми басо беғубори ман ҳам гузаштааст. Манзара ҳамон буд, ки соле пеш, ҳатто бештар…дида будамаш. Дар гардани буридаи тути пир халтаи ҷурғот овезон… Ёдҳои айёми мозӣ аз чашмони равғанбастаи он чак-чак фуруд меоянд. Баъд аз сари падар ободгарии ин лонаи замонаҳое сербача ба дасти додари кенҷаам уфтодааст… Мо акнун меҳмонем! Модарам ҳам инҷост. Бечора, чароғи раҳматӣ хомӯш нашавад гуфта, аз остона дур намеравад. Вайро дар ҳамон ҷое нишаста ёфтам, ки як сол пеш низ он ҷо нишаста буд. Ёдам ҳаст…

Он лаҳза рӯ ба қибла оварда, даст ба дуо кушод. Он кафҳои пур аз гуҳар маҳин меларзиданд. Дилаш побанди дардҳо, чашмонаш тобеи ашк… маро ба сафари роҳи дур гусел карда буд.

– Акнун ту одами хурд не… Оиладор! Ҳар қадаматро санҷида гузор… Он ҷо мулки бегона…

– Хотирҷамъ бошед, очаҷон.

Вай муддате ба нигоҳ қаду басти маро чен карда:

– Хайр, сиҳат раву саломат баргард, бачем, – гуфт маҳзун, ки яқин дар дилаш гумонҳо ғалаён мекарданд. Вай медонист, ки ман хеле шӯхам. Шӯхиҳоям баъзан боиси дилхирагӣ ҳам шудаанд. Шояд дилаш пур набуд, ки дур аз чашми хурду бузурги қавм ман боз шох намебарорам. Чӣ илоҷ? Акнун он одати ганда ба ҳеч ваҷҳ – на ба гуфтан, на ба кӯфтан ва на ба суфтан… нағз намешуд. Худам ҳам аз хӯйи вайрон ҳайронам…

Ва… ана, рафтаву ҳоло дубора баргаштаам!

Хонаи падариамро маъвои фаришта ёфтам. Модарам…

Вай дар ҷойи азалан дӯстдоштааш нишаста буд. Дар баландии дастнораси девор, болои сараш як тоблуи мунаққаш овезон, ки дар қафасаи он сурати падарам ҷой гирифтааст. Модарам дӯст медорад, ки ҳамеша он ҷо нишинад ва насиҳаташ аз он ҷо мудом муассир ба самъ мерасад. Гӯшаеро сурати рангаи ману фарзандонам обод мекунад. Яқин дидагони интизори модарам ба он расм дӯхта шудаву аксар дар олами хаёлот мезияд. Ҳоло низ набераи хурдӣ дар бағал, ба самти сурати ман нигариста, намедонам, аз дили дардошнояш чиҳо мегузаштанд. Шояд фарзанди муҳоҷири худро пазмон шудааст, ё боз кӣ медонад? Мумкин аз рӯзгори хоҳаракам меандешад, ки ҳаёти вай сомон надорад… Вақте сумкаҳои пурборро ба замин гузошта, бо салом ворид гаштам, ҳавои хона дар як дам ба сурур омехт. Ҷиянҳо бо ҳою ҳу худро ба ман овехтанд. Додарам оғӯш кард. Янгаам хушнуд дастам фишурд. Баъд ман фориғ гаштаву тозон ба қадами модар ғалтидам.

Шариф ХАЛИЛ

# НУСХАИ ПАДАР

(Ҳикоя)

– Эҳ, ширини оча, ин чӣ корат? – дар хиҷолат ба сари китфи ман даст монд ӯ. Хаёле ба гунаҳои оҷангбастааш сурхӣ давид.

– Биҳишт ин ҷост, гуфта буд муаллимамон.

– Ё тавба, ту, ки дар ягон дарс ҳозир набудӣ? – хандон гуфт модарам. – Хез аз ҷоят.

– Аз паси дари синф шунидаам, – хандидам ман.

– Биҳишт ин ҷост, бачем, – ашки шодӣ рехта, маро ба оғӯш гирифт ӯ…

Ман муддате дар биҳишт будам!

Навбати тақсими туҳфаҳо расид. Ҳама насибаи худро гирифтанд. Ба пеши модарам ду ҷуфт ҷуроби пашмини гарм ва як рӯймоли хушгули фарангӣ гузоштам. Чеҳрааш чаманистон…

– Як ҷуфт ҷуроб мардона?

– Бале, – гуфтам ман ва беихтиёр ба болои сари модар чашм бурдам. Он ҷо сурати падар…Вақте модарам ҳам ба он нуқта нигоҳ давонд, ман оҳиста хеста берун баромадам. Чашмонам нам, дилам аз фироқи он азиз побанди ғам…

Муддате бо мушоияти ҷиянчаам Баҳман ҳавлиро давр задам. Ҳарчанд торик, ҳар ҷо менигарам як хӯшае аз бачагиам табассум мезад. Аз токи ҳавоза, дарахтони ба гул нишаста, аз ҳар шайъи ин манзил нақши дастони падар чун алмоспорае ба ҷило меоянд. Сигор равшан намуда, ғами синаамро ҳалқа – ҳалқа берун фикандам. Баъд аз чӣ буд, ки даст ба бағалкиса бурдам ва гӯё барқ зада бошадам ногоҳ қомат рост гирифтам. Абрувонам фавран боло ҷастанд, дидагонам даҳони пиёла ва равшантар шуданд. Зуд ба хона баргаштам. Ҳамон лифофаеро, ки як кампираки рус «Ба модарат аз мани пир туҳфа», – гуфта дода буд, аз киса берун овардам. Ламс карда, аз дил гузаронидам: «Шояд аз нӯки нафақааш чанд сӯмак гузоштааст.» Ба ҳайрати ҳама афзуда, он лифофаро ба дасти очаҷонам додам.

Ёдам ҳаст …

***

Вақте сурати сармохӯрдаву ошуфтааш дар остона падид омад, ӯро дар ҳайрат гузошта, дари даромад ба «эҳтиромаш» оғӯш кушод – ду табақаш мулоим ба ду самт рафта, гӯё «Хуш омадӣ» гуфт.

«Қаблан мағоза ин гуна дар надошт. Пас, як сол барин ба ин самт тоб нахӯрдааст, ки аз муъҷизаҳо хабар надорад. Ҳоло, ана, дар худкушоюю худбандак шудааст. Фаршро, ки як замон симонӣ буд, бо мармар пӯшидаанд…»

(Давомаш дар саҳ.4).

# ТАРБУЗҲОИ КАРМАНА ДАР АВРУПО

***Деҳқонони ноҳияи Кармана натанҳо дар вилояти Навоӣ, балки дар саросари ҷумҳурӣ бобати расонда додани маҳсулоти хӯроквoрӣ саҳми арзанда доранд. Боғпарварони заҳматкаш маҳсулоти худро ба бозорҳои хориҷи кишвар низ мефӯрушанд. Маҳсулоти хуштамъу беҷирми полизии Кармана дар Полша, Латвия, Литва ва Эстония харидоргиранд.***

– Даҳ сол боз соҳибкорам. Айёми наврасӣ бо падар ба парвариш ва хариду фурӯши тарбузу харбуза сарукор доштам. Аз ҳамон давр ба ин сабзавот меҳр бастаам. Ҳоло хоҷагии фермерии «Fruit exem»-ро таъсис дода, ба парвариши ин маҳсулоти полизӣ машғул мебошам, – мегӯяд соҳибкор Маил Мустафоев. – Деҳқонони мо таҷрибаи ғанӣ доранд, – суханашро идома дод Маил. Анъанаҳои хуби аҷдодии зироаткориву боғдорӣ мавҷуданд. Чунончи, агар дар оила писар таваллуд шавад, ба номи ӯ ниҳол мешинонанд. Ман намояндаи миллати турк ҳастам. Мо дар Ӯзбекистон чун аъзои як оила буду бош ва фаъолият дорем.

Маил дар ибтидо ба содироти меваи гуногун ба хориҷ машғул буд. Аввали соли равон 56 гектар замин гирифт. Соҳибкори ботаҷриба дар 6 гектари он тарбузи навъи «Ҳоллер» ва ба 40 гектар харбузаи навъи «Торпедо» корида, дар замини боқимонда ниҳоли писта шинонд.

– Ҳосил аз чашмдошт ҳам фаровон гардид. Навъи «Ҳоллер»-и ба гармӣ ва камобӣ тобовар экспортбоб аст. Истифодаи заминҳои лалмӣ сол то сол афзуда истодааст. Соҳибкорон аз он самаранок истифода мебаранд, – мегӯяд М. Мустафоев. Ӯ нақша дорад, ки аз ҳар гектар замин 60 тоннагӣ тарбуз рӯёнида, 40 тоннаи онро ба хориҷ барорад, 20 тоннаи боқимондаро ба бозори истеъмолии дохилӣ ворид кунад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ДАСТОВАРДҲОИ НАВ БА ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Варзиш гарави саломатист. Шахси солим бештар муваффақ мешавад. Авлоди солим ояндасози ҷомеа буда, рушду равнақи кишварро таъмин мекунад.***
***Дар Ўзбекистон баривоҷу равнақи варзиш ва оммавӣ кардани он эътибори зиёд дода мешавад. Барои ин ҳама гуна шароиту имконот мавҷуданд. Дар шаҳрҳо, ҳатто деҳоти дурдаст маҷмўаҳои варзишии замонавии бо ҳама гуна таҷҳизоти зарурӣ таъмин бунёд меёбанд.***
***Яке аз чунин мактабҳои намунавии варзишӣ дар маркази ноҳияи Кармана сохта шудааст. Дар он 1120 нафар мунтазам иштирок мекунанд.***

Соли гузашта муассисаи мазкур дар портали ахбори «Буҷаи кушод» ғолиб омада, 500 миллион сўмина мукофотро ба даст овард. Он бо ин маблағ пурра таҷдид карда, толорҳои варзишии гўштини озод, юнону рум, дзюдо, бокс ва хонаҳои либоспўшиву шустушўӣ таъмир гардиданд. Ба замми ин Вазорати варзиш ва сиёсати ҷавонони ҷумҳурӣ ба мактаб 33 намуд ҷиҳози варзишӣ тақдим кард. Дар натиҷа барои гузаронидани машғулиятҳои босифату пурсамар шароит ва имконоти бештар пайдо гардид.

– 50 нафар ғолибони зинаи аввали мусобиқаҳои «Беш ташаббус олимпиадаси» ба мактаби варзишӣ қабул гардиданд, – мегўяд директори мактаб Зокир Қиличов. – Ҷавонони 27-30 солаи «Жалойир» дар мусобиқаи ниҳоии ҷумҳуриявии «Беш ташаббус олимпиадаси» ширкат варзида, оид ба атлетикаи сабук мақоми сеюмро ишғол намуданд. Меҳоҳем дар оянда сафи варзишгарони боистеъдоди маҳаллаҳоро афзун намоем, – афзуд ў.

Варзишгарони мактаб дар чемпионат ва мусобиқаҳои ҷоми ҷумҳуриявӣ 9 медали тилло, 13 нуқра ва 34 медали биринҷиро ба даст овардаанд. Шогирдони мактаб дар мусобиқаҳои байналхалқӣ фаъол иштирок мекунанд. Дар чемпионат ва мусобиқаҳои ҷоми ҷаҳонӣ соҳиби 1 медали тилло, 1 нуқра ва 2 биринҷӣ гардидаанд. Дар 6 моҳи соли равон 68 нафар шогирдон талаботи номзадӣ ба устоди варзиш ва 2 нафар талаботи устоди варзишро иҷро намуданд. Ба гурўҳи гимнастикаи бадеӣ устоди дараҷаи байналхалқии варзиш, барандаи медали нуқраи чемпионати Осиё Дилдора Раҳматова сарварӣ мекунад. Ин варзишгари бомаҳорат ба гирифтани Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия сазовор гардидааст.

Кормандони мактаб нақшаҳои зиёд доранд. Меҳоҳанд аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда, бо дастовардҳои нав ба нав дар бунёди Ўзбекистони Нав саҳм бигиранд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар ҷумҳурӣ ба муносибати 32-солагии иди Истиқлол «Моҳонаи ободонӣ» эълон шудааст. Вобаста ба ин дар маҳалҳо корҳои ободонӣ, ҳашару тозаву тамизкунии атроф ҷараён доранд.***

# КОРҲОИ ОБОДОНӢ ДАР АРАФАИ ИДИ ИСТИҚЛОЛ

Аз ҷумла, ба наздикӣ дар доираи «Моҳонаи ободонӣ» ходимони идораҳои марбут ба Садорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим дар маҳалҳо ҳашар ташкил доданд. Дар ин ҳашари ободонӣ 8 техникае, ки дар тасарруфи корхонаи давлатӣ-унитарии «Тоза ҳудуд» ва Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ЭКОСФЕРА» аст, иштирок карданд.

Дар маҳаллаи «Янги боғ»-и ноҳияи Бахмал таҳти номҳои «Хонадони обод», «Кўчаи обод» ташаббус зоҳир намуданд. Ба тозакунии кўчаҳо, сангфаршу асфалтпўшкунии роҳҳо пардохтанд. Дар ин кор баробари коркунони идораҳои ободонӣ одамони маҳал ҳам фаъолона ширкат ҷустанд.

# МАВЗЕЪҲОИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ» БУНЁД МЕЁБАНД

***Дар шаҳру навоҳии вилояти Ҷиззах ба сохтани мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» аллакай шурўъ намудаанд.***

Аз ҷумла, соли 2022 дар ҷамоати шаҳрвандони «Чинобод»-и ноҳияи Дўстлик панҷ бинои панҷошёнаи дорои бист хона сохта, ба истифода супурда буданд. Имсол ин ҷо боз панҷ бинои панҷошёна месозанд.

Дар ноҳияи Шароф Рашидов бошад, мавзеи нав боғчаи бачагонаи дорои 180 ҷой, бунгоҳи тиббии оилавӣ ва бинои мактабро дар бар мегирад. Дар ин ҷо ба нақша гирифта шуда буд, ки 15 бинои истиқоматӣ барпо кунанд. Ҳоло меъморон то ошёнаи панҷум корҳои пардоздиҳиро анҷом медиҳанд.

Ба наздикӣ ҳокими ноҳия Маҳмуд Холбўтаев бо ҳамроҳии як гурўҳ мўйсафедон аз ин мавзеъ дидан кард ва бо рафти корҳои бунёдкорӣ шинос шуд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ИШТИРОКДОРОНИ НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР КУРИЁИ ҶАНУБӢ БА ИҚТИДОРИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН БАҲОИ БАЛАНД ДОДАНД

***11-13 август дар Намоишгоҳи байналхалқии «Korea International Tourism Show KITS 2023», ки дар Ҷумҳурии Куриё баргузор мегардад, иқтидори сайёҳии Ўзбекистон намоиш дода шуд.***



Дар девораи миллии Ўзбекистон, ки аз ҷониби Сафоратхона созмон ёфт, суратҳое, ки иқтидори сайёҳии кишвари мо, маснуоти ҳунармандии миллӣ, аз ҷумла заргарӣ, чўбкорӣ, сарулибос аз шоҳӣ ва дигар намунаҳои санъати халқиро инъикос менамоянд, гузошта шудаанд.

Меҳмонони намоишгоҳ имкон пайдо карданд бо хатсайрҳои кишвари мо, таърих ва фарҳанги бостонии шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хива, ки ба рўйхати меъроси маданиии ЮНЕСКО дохил карда шудаанд, корҳои васеъмиқёсе, ки ҳукумат барои бунёди инфрасохтори замонавии сайёҳӣ татбиқ менамояд, шинос шаванд. Ғайр аз ин мусавваддаҳо дар бораи кушодашавии маркази байналхалқии сайёҳии байналхалқӣ дар Самарқанд таҳти унвони «Шоҳроҳи абрешим» тақсим карда шуданд.

Баробари ин дар доираи намоишгоҳи байналхалқӣ мулоқоти дуҷониба ва гуфтушунид бо коргузорони Куриёи Ҷанубӣ оид ба масъалаҳои татбиқ сохтани саёҳатҳои муштарак, ҳамчунин шароити иштирок дар Бозори байналхалқии сайёҳии Тошканд таҳти унвони «Сайёҳӣ дар Шоҳроҳи абрешим», ки 15-17 ноябр мегузарад, баргузор гардиданд.

Ба мақсади хабардоркунии меҳмонони намоишгоҳ доир ба имкониятҳои сайёҳии зиёратии Ўзбекистон матолибе тақсим шуд, ки аз ҷониби Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд дар бораи ёдгориҳои маданияти буддоии ҳудуди кишвари мо, таърих ва анъаноти шаҳрҳои Риштон, Бойсун, Чуст ва Янгиқўрғон ба забони куриёӣ тайёр карда шудаанд.

Тамошобинони намоишгоҳи ўзбекистонӣ ба иқтидори сайёҳии кишвари мо баҳои баланд доданд ва таассуроти худро изҳор карданд.

«Намоишгоҳи Ўзбекистон дар ин ҷо аз дигарон тафриқа дорад, – мегўяд роҳбари ширкати сайёҳии «Sopoung Tour» Ким Кван Сонг. – Ман аллакай бо нақши мамлакати шумо дар таърих ва мероси маданияти ғановатманди он ошно будам, вале пас аз тамошои имрўза қарорам дар бораи ба Ўзбекистон рафтан ва татбиқ намудани лоиҳаҳои нави муштарак мустаҳкамтар шуд. Дар намоишгоҳ ман имкон доштам бо як қатор созмонҳои сайёҳӣ бинобар ба роҳмонии сафари сайёҳон аз Куриёи Ҷанубӣ ба Ўзбекистон мубодилаи афкор кунам».

Намоишгоҳи байналхалқии сайёҳии «Korea International Tourism Show KITS 2023» бозори бузургтарини байналхалқист, ки дар Куриёи Ҷанубӣ гузаронида мешавад. Дар чорабинӣ беш аз 800 намояндаи фирма ва ширкатҳои сайёҳӣ, коршиносон ва мутахассисони зиёда аз ҳаштод кишвари ҷаҳон иштирок карданд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри СЕУЛ.*



*Варзишгарони кишварамон, ки дар мусобиқаҳои II-и ИДМ бомуваффақият иштирок кардаанд, ба Ватан баргаштанд. Ин мусобиқаҳо дар 11 шаҳри Белорус гузаронида шуданд.*

*Ғолибон, ҷоизадорон ва иштирокдорони ин сабқати бонуфузро дар фурудгоҳи байналхалқии Тошканд ба номи Ислом Каримов бо тантана истиқбол намуданд.*

*Дар ин мусобиқаҳои бонуфузе, ки дар ду сол як бор гузаронида мешавад, варзишгарони ҷавони мо ба ғалабаҳои бузург ноил гардида, дар таърихи варзиши мамлакат саҳифаи нав кушоданд ва бо талошҳои пуршиддат, ғалабаҳои бемисли худ ба ҷашни 32-юмин солгарди истиқлолияти Ватан тухфаҳои муносиб омода намуданд.*

*Варзишгарони ҷавони мо дар бозиҳои ИДМ, ки аз 22 давлат вакилон иштирок доштанд, дар ҳисоби умумиҷамоавӣ баъд аз Русия ва Белорус ҷойи сеюмро ишғол карданд. Бояд қайд намуд, ки нисбати бозиҳои якуми ИДМ, ки ду сол муқаддам дар Қазон гузашта буд, миқдори медалҳои бадастовардаи варзишгаронамон 16 адад зиёд шуд, ки далели равшани ба зинаи нав бардошта шудани варзиши ҷавонон дар мамлакат мебошад.*

***Суратгир: Муҳаммад АМИН. (ЎзА).***

# БЕҲИН КОРЕ, КИ АНДАР ЗИНДАГОНИСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Амалҳои некӣ ва накўкорӣ, дар навбати аввал, некхоҳи касон будан, нафсро лаҷом зада тавонистан, аз одатҳои бад даст кашидани онҳо имон ва виҷдони покро чун қалъаи мустаҳкам аз ҳар гуна бало эмин медоранд. Аз ҳад беш молу дунёпарастӣ ҷуз душманӣ ба худ чизи дигаре нест, гуфта мешавад дар ҳадисе. Аз қабоҳат дурӣ ҷустан низ яке аз намудҳои некўкорист. Бузургон панд медиҳанд, инсон қабл аз ба иҷро расондани коре бояд аввалу охир, кунҷу пахлўҳои онро санҷад, аз бадӣ худдорӣ сохта, бо марвориди накўӣ ҳаёти худро орояд. Дар он вақт вай асло кам намешавад, ҳаёташ ҳам хуб ва осуда мегузарад.

Луқмони ҳаким ба фарзандони худ панд медод: «Ҷигаргўшаҳои азизи ман, шумо ҳамеша барои соҳиб шудан ба ҳиммати олӣ бикўшед, ба хотири молу дунё ба бемеҳрию сангдилӣ ном набароред. Маълум, ки молу дунё ҳеҷ вақт ба кас вафо накардааст. Накўиро чун мерос ба худ қабул кунед, он иқболи шуморо чун ҷавшан ҳамеша муҳофизат менамояд». Чунин марҳамати Ҳазрати Умар низ қобили таваҷҷўҳ: «Нисбати одамон қабл аз ҳама бояд дили шумо рост ва мувофиқ бошад, дар ҳамон вақт забонатон худ аз худ рост ва мувофиқ мегардад. Агар дар зиндагӣ босабр ва қаноатнок набошед, он ба залолат меоварад. Барои ҳамин, нахустин нишонаи накўӣ, бешак, дар қаноат зоҳир мегардад. Гузаро будани ин дунёи фониро асло фаромўш насозед ва доимо некӣ кунед».

Инсон метавонад ба бисёр чизҳо эътиқод бандад. Масалан, ба ҳалолкорӣ, покӣ ва поквиҷдонӣ, некӣ ва савобҷўӣ, ростию дурустӣ. Нағзӣ ба касонро мазмуни ҳаёт фаҳмидан – яке аз зеботарин шаклҳои эътиқоди пок.

Некӣ – тавлидгари меҳру оқибат. Меҳру оқибат, ки барҷост, имморати дўстӣ мустаҳкам ва устувор. Дигар бе меҳру оқибат дўстдориро тасаввур кардан душвор. Меҳру оқибат касонро ба якдигар қарин ва наздик, онҳоро ба тозагию хушзабонӣ, зебоӣ сафарбар месозад, қалбашонро аз эҳсоси наҷиб лабрез мегардонад.

Бо нони гандум дили кас ёфта натавонем, «сухани гандумӣ» ҳам надорем?

Бо як даҳон сухани нағз низ дили касро чун кўҳ бардоштан мумкин.

Оре, сеҳре дорад нигоҳи гарму дилбардор, муомилоти неку самимӣ ва суханони ширину меҳрангез. Адиби тоҷик Пўлод Толис дар ҳикояаш «Одами нек» накукориро талқин сохта, таъкид намуда буд хушбахтӣ – ин воҳўрӣ бо одами хуб ва хушмуомилаву самимист, ки таъсири як сухан ё суҳбати меҳромезашро чанд вақт ҳис кардан – хушҳол ва болидатабъ рўз гузаронидан мумкин.

**М. ШОДИЕВ.**

# НУСХАИ ПАДАР

## (Ҳикоя)

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ин замон як доман ҳавои сард оҷил ба толори мағоза рехт ва ба дами гарми муҳит вохўрда, ногузир мунҳал гашт. Ба рўйи пиразан ҳам ҳавои гарм нишаст ва ў сабукак тан афшонда, гўё сардиро аз вуҷудаш дур афканд. Як лаҳза хаёлан сармои берунро бо гармии дохили мағоза ба қиёс гирифта: «Илоҳо, номаш гум шавад, мегазаде, падарқусур!»– гуфт дар дил, ҳавои зимистонро маломат карда. Баъд, айнакашро ба чашм гузошт, нафаспечон ба чор самт назар партофт. Дар рўбарў, болои сандуқи як гўшааш роғ – ҳайроти мардуми эътиқодманд аз ин роҳ ба шиками он медаромад – сурати Исои Масеҳро дид. Дидан баробар таъзим ба ҷо овард ва дар ҳаво салиб кашида, пич-пич чиҳое гуфт, ки аз ин масофа ба гўшҳои ман нарасиданд. Ман машғули корҳои худам... Маҳсулоти беҷошудаи рафҳоро мураттаб месозам, агар шуморашон кам мондаанд, аз анбор ёфта пур мекунам... Кампир аз паси шишаҳои мусаффои айнак боз умедвор ба атроф нигарист. Ҳар ҷо-ҳар ҷо духтару писарони хушлибос фориғбол машғули гуфтумони худ буданд: аз лаби зарфҳои зебо ҷуръа-ҷуръа оби ҷав ё ягон нўшобаи ширин менўшиданд. Як ҷуфт ошиқи ба гардани ҳам овезон аз хурмои лабҳояшон мечашиданд. Ба ҳадде асири олами афсонаи худ буданд, ки агар дунёро об барад, пинакашон вайрон намешуд... Пиразан миёни абрувон гиреҳ андохт, мазмун: ҷавонони имрўза ҳаё чист? – фаромўш кардаанд. «Эҳ, дунёи одамиро Худо задааст, Худо!» – андешаманд ба самти толор нигарист. Ягон-ягон харидорон бо майли хотир сабадча дар даст, ё аробачаеро пешандоз карда аз як раста ба растаи дигар гузашта, моводи даркорӣ меҷустанд. Онҳо низ ба ташвиши худ банд...Пиразан, умедаш кўр, хост худ то растаҳои мамлуи маҳсулот равад, чизи дилхоҳашро интихоб кунад, пас ба назди касса ҳозир шудаву... Аммо аз қазо ваҳм гирифташ. Тарсе ба дилаш даромада, бас мушавваш шуд. Охир, мабодо дар рўйи фарши мармарӣ асозанон ба гардиш ояд, лағжидаву биафтад... «Эҳ, Худоҷон-э, худат нигаҳбон шав! – миёни абрувонаш гиреҳ афтод ва ҳаросон гиребон ҷуфт кард вай. – Не, яқин лағжонак аст фарш, агар афтам, тамом – ягон устухони сиҳат дар ин тани фартут нахоҳад монд. Дар дами пирӣ аз ин бадтар азоб ҳаст магар?!»

Ду олуфта аз пеши кампир гузашта, хаёлманд ба мағоза даромаданд. Вай нав лаб кушоданӣ буд, ки онҳо ҳамон беларво дур рафтанд.

Кампир... боз ба атроф чашм бурд. Бефоида... Чӣ кор кунад? Таваккал ба Худои карим гуфта, роҳ равад, ё мунтазир истад. Ҳамин сад қадам масофаи аз хонааш то мағозаро сангпуштвор тай зада, ҷони ларзонашро дар кафи даст гирифта, аз рўйи барф қадам монда омад. Афсўс, неруи тани худро ба ҳисоб нагирифт. Замоне, ки Федяаш зинда буд, ҷолу кампир асои ҳамдигар шуда, ба сайри мағоза меомаданд. Гоҳе дасти ҳам доштаву ба сайри боғҳо мерафтанд.

Дар лабони кампир табассуми заифе пайдо шуд.

... Аз мағоза вай худаш ҳар чизи дилхоҳро интихоб мекард. Ба Федя як бутил арақ, ё вино бас буд, гўё як доман тилло ёфта бошад, филфавр дунёаш чароғон мегашт. Ҳамонро ҳам раҳматӣ ба сад илтиҷо мехаронд. Чаро мардуми мо ин қадар ошиқи шайдои он оби ганда ҳастанд? – андешидаву ҳеҷ ба субуташ намерасад.

«Хайр, сазои сарашон...» – нафраташ омада, пешонӣ чин намуд ва: «Аз афташ, меҳру муҳаббати инсонӣ ҳам завол ёфтааст!» – дилаш ганда шуда, ноилоҷ ба самти сабадчаҳои холӣ даст бурд. – «Ҳар чӣ бодо бод, агар худам бори худамро кашола накунам, имдодрасе нест...»

Ин дам дар рў ба рўяш як чеҳраи хандонро дид. Ман будам, ки ба ёдам модари пирам расида, аз дасташ сабадчаро гирифтам.

– Модар, чӣ хидмат? – гуфтам дар тавозўъ.

Пиразан ба ҳаяҷон омада, муддате ба рўйи ман хира шуд. Пас, андаке тоб хўрд ва ба сўйи сурати Исои Масеҳ боз таъзим ба ҷо овард, дар ҳаво дубора салиб кашид.

Баъд:

– Агар як пораяк дар хона нон медоштам, дар ин сармои ваҳшӣ аз остона берун пой намегузоштам. Гурусна мондам, бачем... Набераам, ки ду моҳ боз ба ман кумак мекард, бенишон ғайб зад... Куҷо рафт? – намедонам. Ана, ду рўз боз бедарак. Манаки содда боз хонаву дарро ба номаш гузарондаам. Ҳоло аз барояш дилам зиқ... Пешам буд, хонаро гарм мекард, мағоза мебаромад, аммо... – ғамгин китф дарҳам кашид кампирак. – Акнун ночор ҳама корҳоро худам мекунам.

– Чӣ кумак кунам?

– Исто ки, маро модар гуфтӣ-а? Ман садқаи забони ширинат... Фарзандони худам ба ташвиши худ андармон. Аз афташ дигар модар лозим нест ба онҳо. Ба сад зорӣ аз духтарам Мишаро пурсида гирифтам, ки ба мани пир асо шавад... Ана, вай ҳам гуми Ҳақ. Раҳмат ба ту, ташаккур ба тарбиятгарат, – вай миёни оби чашм ба самти ҷавонони фориғбол назар кард, ки ғарқи дунёи худ буданд. Боз ба ман нигарист. Лаб газид, андешаманд сар такон дод.

– Дар ҳамин мағоза кор мекунӣ?

– Бале...

– Номи ман Любахола, Любов Андреевна.

– Ман...Фозил.

Пиразан номи барояш ғайриодии маро чанд бор дар зеҳн такрор намуда:

– Писар, агар аз шипанг ба хонаам ҳезум кашонда медодӣ, сарам ба осмон мерасид. Бе ташвиш бош, туро албатта розӣ мекунам. Ҷойи зистам дар кўчаи Садовое, 15...

– Баъд аз кор медароям, – ваъда додам ман.

Любахола ҳарчӣ дилаш мехост, харид ва ўро то таксӣ гусел кардам. Мошин оҳиста ба ҳаракат даромад, аз паси тирезаи пўшидаи он овози пасти пиразан ба гўшам омад, ки беист дуо мекард ва ба ронанда дар таърифи ман чиҳое мегуфт.

Баъд чанд бор ба хонаи ў рафтаву ба кору бораш кумак намудам. Баъзан бо хоҳиши вай аз мағоза нону шир, қаймоқу кефир ва дигар маҳсулотро харида, ба хонааш расондам. Вай маро писар мегуфт, ман ўро модар! Чанд бор ба ҷонибам пул дароз кард. Хафа шудам. Дар ҳайрат монд.

– Савоб, – гуфтам рўҳам болида.

– Савобро хона бурда натавонӣ..?

– Пеши Худо мебарам.

– Худо..? – сураташ шукуфон мулоим талаффуз кард. – Аҷоиб мардумонед шумо. Дилатон соф... Ростӣ, ҳавасам меояд, – хурсанд шуд Любахола. – Ин хел одоб дар байни мо ноёб.

Вақте ба ватан бармегаштам, ба дасти ман ҳамин лифофаро қапонда, гуфт:

–Ба модарат медиҳӣ, аз мани пир як тўҳфа. Тўҳфаи ноарзандае...

***

Ҳоло «тўҳфаи ноарзанда»-и Любахоларо кушода модарам дар таҳайюр ба ман менигарист. Як варақи калони сап-сафед... Дар саргаҳаш ба забони русӣ ду ҷумла навишта шудааст:

«Ташаккур ба модаре, ки фарзанди шоистае ба дунё овардаву тарбият намудааст. То дунё ҳаст, сипосгузорам!

Бо эҳтиром:

Любов Андереевна.

12-уми марти соли 2014.»

Ҳарчанд ҳиҷҷо карда мехонад, аммо чизе нафаҳмида ба даҳони ман менигарад. Аҳли хонадон ҳам мунтазиранд, ки тарҷума кунам.

– Чӣ навиштааст, амак? – мепурсад Баҳман беқарор шуда.

Ман як-як маънидод мекунам. Саргузашти он кампиракро ба тафсил гуфта медиҳам. Дар чашмони модарам ашк ҳалқа мезанад ва он мактубро дубора ба лифофа гузошта, бо эҳтиром ба сина пахш мекунад. Мебинам, ки ноаён ба сурати падарам менигарад ва як гўшаи қарси сафедашро ба дандон газида, гўё хаёлан ба ёри биҳиштиаш мегўяд:

«Ҳеч хавотир нашавед, додош. Орому осуда бихобед. Писараки гандаатон айнан нусхаи худатон шудааст – инсони баоқибат! Акнун хотири ман ҳам ҷамъ шуд...»

Ман сарам дар осмонҳо шодон аз ҷой мехезам. Аз бозуи ҷиянчаам дошта, ўро низ ба пой рост мегузорам ва дархост мекунам, ки шеъре бихонад. Вай дар ҳаяҷон оғоз мекунад:

«Дедмороз, дедмороз...»

Ҳанўз мисраи дуюмашро нагуфта, худро сарнагун мебинад. Ман аз ду пояш боло бардошта, эзорашро поин овардам ва ба думбачааш шарт-шурт зада, исрор варзидам:

– Ба забони модариат хон.

– Модариаш чӣ? – аз шарм сурх шуда пурсид вай.

– Забони очаат, – фаҳмондам ман.

– Ҳамин шеърро очаам ёд дод. Ман чӣ кунам? – дона-дона оби чашм рехт ў.

Ман Баҳманро раҳо кардам.

Модарам ангушт ба бари рухсор гузошта, лаб газид ва:

– Ин бача, асло одам намешавад, – гуфт миёни шодиву итоб ба ман нигариста ва набераашро ба оғўш гирифта, оби чашмони вайро бо остин пок кард ва намедонам чӣ насиҳатеро ба гўшаш рехт.

Ман тағйир наёфтаам...

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-825.
Адади нашр 4548 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тўхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.45

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.